# АХБОРИ
# СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**(№ 3-4) 2022**

# ВЕСТНИК
# КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА
# РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
**(№ 3-4) 2022**

**Душанбе – 2022**

**Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд.**

(Моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)

# АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маҷаллаи илмию иттилоотӣ

Сармуҳаррир:

**Ашурзода А.А.**
Раиси Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

**Каримзода К.М.** Муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ

**Ҷамшедзода Ҷ.Н.** Судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ

**Ҳошимзода Д.Д.** Сардори Раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ

**Шарофзода Р.Ш.** Узви Шурои илмӣ-машваратии назди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

**Искандаров З.Ҳ.** Узви Шурои илмӣ-машваратии назди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

**Сафарзода Н.Ф.** Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

© Нашрияи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| Зариф Ализода | Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 4 |
| Каримзода К.М. | Парчам – нишонаи озодихоҳӣ | 11 |
| Шарофзода Р.Ш. | Ганс Келзен – асосгузори аввалин Суди конститутсионӣ дар Аврупо | 15 |
| Миралиев И.Қ., Сафарзода Н.Ф. | Тамаддуни зардуштӣ ва ҷойгоҳи он дар шинохти ҳуқуқ ба саломатӣ | 26 |
| Исозода П.А. | Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баҳри таъмин намудани сиҳатии аҳолӣ | 36 |
| Ҷураев А.Ш. | Асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ба манзил ва танзими мушаххаси он дар қонунгузории маданӣ ва манзил | 41 |
| Собиров М.Ш. | Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ | 48 |
| Розиқзода Д.З. | Нақши Ваҳдати миллӣ дар ташаккули сиёсати ҳимояи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 53 |
| Каримова Г.Т. | Оид ба мафҳуми умумии идоракунӣ ва асосҳои идоракунии давлатии соҳаи маориф дар Тоҷикистон | 57 |

Таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости шаҳрванд Набиев Н.С. «Дар хусуси муайян намудани мувофиқати моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 65

Таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости намояндагони ваколатдор, адвокатҳои кабинети адвокатӣ Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш. ва намоянда Каримова Т.Д. ҷиҳати ҳимояи манфиати шаҳрванд Зайдуллоев С.Н. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 69

Навидҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон 73

# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРҚАРОР НАМУДАНИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНӢ, ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

**Зариф Ализода**,
мушовири Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Имсол халқи Тоҷикистон 30-солагии Иҷлосияи таърихии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳумро, ки дар қасри «Арбоб»-и шаҳри Хуҷанд баргузор гардида буд, ҷашн мегирад. Воқеан ҳам, ин иҷлосия дар таърихи навини Тоҷикистон нақши таърихӣ, наҷотбахш ва бунёдӣ дорад, зеро Иҷлосия давлати тоҷиконро аз нобудшавӣ ва миллати тоҷикро аз парокандагӣ наҷот дода, ба давлатдории навини тоҷикон – эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона бунёд гузошт.

Ҳамон тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон дар давраи басо душвори сиёсию низомӣ бо мақсади таъмини ҳарчи зудтари сулҳу оромӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, аз хатари нобудӣ эмин нигоҳ доштани давлат ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллат, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон … даъват шуда буд»[1].

Яке аз вазифаи асосии Иҷлосия ин қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон буд. Ин вазифаи аввалиндараҷа буд, зеро бе ҳалли ин масъала амалӣ кардани дигар вазифаҳо, аз ҷумла баргардонидани гурезаҳо, обод намудани хонаю деҳаҳои сухтаю валангоршуда, кумак расонидан ба шахсони зарардида ва дар маҷмӯъ, барқарор кардани иқтисодиёти харобгашта ғайриимкон буд.

Сохти конститутсионӣ ё ҳокимияти конститутсионӣ, ки дар он давра ва дар Иҷлосияи XVI оид ба барқарор кардани он масъалагузорӣ карда шудааст – ин асосҳои бунёдии ҷомеа ва давлат мебошанд, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд ва ба воситаи

[1] Ниг.: www. president.tj /node/ 16605

онҳо ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад[1]. Ин асосҳои бунёдӣ дар боби аввали Конститутсия муқаррар гардидаанд ва ба онҳо, аз ҷумла инҳо дохил мешаванд: Истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон; тақсимнашаванда ва дахлнопазир будани марзи давлатӣ; моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат; рамзҳои давлатии Тоҷикистон; соҳибихтиёрии халқ ва шаклҳои зуҳороти он; дар асоси таҷзияи ҳокимият амалӣ шудани ҳокимияти давлатӣ; эътибори олии ҳуқуқии Конститутсия; арзиши олӣ эътироф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ; манъ будани таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд.

Асосҳои бунёди номбаршуда дар натиҷаи муқовиматҳои сиёсӣ ва баъдан ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ поймол карда шуданд. Хусусан баъзе ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади бо роҳи зӯрӣ сарнагун кардани ҳокимияти конститутсионӣ гурӯҳҳои мусаллаҳро ташкил намуданд. Аз ҷумла, собиқ Ҳизби назҳати ислом, Ҳизби демократ ва баъзе аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба мисли «Ситоди наҷоти Ватан» – ташкилоти мусаллаҳи террористиро созмон доданд, ки мардумро зери тарсу таҳдид қарор медоданд ва шахсони фаъоле, ки бар зидди бо ном «опозитсион» баромад мекарданд, онҳоро нобуд мекарданд. Аз дасти онҳо Прокурори генералии Тоҷикистон Н. Ҳувайдуллоев ва ронандаи ӯ ваҳшиёна ба қатл расонида шуданд.

Инчунин моҳияти демократӣ ва дунявии давлат инкор карда шуда, ба ҷои он давлати исломиро барпо карданӣ буданд, ки инро аксарияти кулли мардуми Тоҷикистон қабул надоштанд. Ба ин нигоҳ накарда, қувваҳои иртиҷоӣ бо ҳар роҳу восита мехостанд давлати исломӣ ва қонунҳои шариатро дар Тоҷикистон ҷорӣ намоянд.

Чунин вазъ ба он овард, ки ҷомеа ба ду қисм тақсим шуд, яъне яке тарафдори ҷомеа ва давлати демократии дунявӣ ва дигаре ҷонибдори ҷомеа ва давлати исломӣ гардид. Қобил ба зикр аст, ки ҷонибдорони давлати исломӣ ин мақсади худро пардапӯшона амалӣ мекарданд. Онҳо дар атрофи худ дигар қувваҳои сиёсиро (Ҳизби демократ, Лаъли Бадахшон, «Растохез» ва дигарон) муттаҳид сохта, худро бо номи «қувваҳои демократии ислоҳотгаро» (дар гуфтугӯи мардум онҳоро «демоисломистҳо») ном мебурданд, муаррифӣ мекар-

[1] Ниг.: Авакьян С. А. Конституционное право России. Т.I. – М., 2011. – С. 360.

данд. Дар асл бошад, маркази асосии роҳбарикунанда ва пешбарандаи ин қувваҳо Ҳизби назҳати ислом буд, ки баъдан дар ҷанги шаҳрвандӣ ва гуфтушуниди миёни тоҷикон он пурра аён гардид.

Ин қувваҳо дар ҷомеа бо номҳои «юрчик» ва «вовчик» номгузорӣ шуда буданд. Истилоҳи «вовчик» қувваҳои демоисломиро ифода мекарданд. Ин истиллоҳ ба тарафдорони равияи динии «ваҳобия» алоқаманд буд. Пайдоиши ин равия ба аввалин баромадҳои намояндагони Ҳизби наҳзати ислом, ки онҳо бар зидди бисёре аз одату анъанаҳои суннатии ҷомеаи мо баромад мекарданд, вобаста аст. Аз ин ҷо, мардум онҳоро «ваҳобӣ» меномиданд. Истилоҳи «юрчик» нисбати тарафи дигар, яъне тарафдорони давлати демократии дунявӣ (ин қувваҳоро тарафи муқобил ҷонибдорони сохти шуравӣ ва низоми коммунистӣ меҳисобид), истифода мешуд.

Мунокишаю тарафкашиҳои сиёсӣ оқибат ба муборизаҳои мусаллаҳона табдил ёфтанд. Онҳо ба поймолкунии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, террор ва дигар ҷиноятҳои махсусан вазнин оварда расониданд.

Вазъияти бавуҷудомада ба омилҳои зерин вобаста буд. Якум, ноуҳдабароии роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ. Баъд аз заиф гаштани идоракунӣ аз марказ (аз Москва) роҳбарияти ҷумҳурӣ натавонист зимоми идоракуниро ба даст гирифта, мардумро аз паси худ барад. Ин ҳолат, яъне суст шудани идоракунӣ аз марказ, инчунин ҳодисаҳои моҳи феврали соли 1990 (бетартибиҳои оммавӣ дар шаҳри Душанбе) боис шуд, ки кормандони мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ, ки аз марказ фиристода шуда буданд, инчунин як қисми дигари шаҳрвандони русзабон ҷумҳуриро тарк кунанд.

Дуюм, муборизаҳои сиёсӣ, ки дар аввали солҳои навадум дар баъзе аз минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба вуқуъ омаданд, ба он оварданд, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ин муборизаҳои сиёсӣ маҳдуд гардид, яъне онҳо аз дахолат ба ин равандҳо дур карда шаванд ва мавқеи «бетарафӣ»-ро ишғол кунанд.

Сеюм, маҳдуд кардани фаъолияти Ҳизби коммунист, милликунонии моликияти он ва баъдан манъ кардани фаъолияти он ба ғайриҳизбӣ (департизатсия) кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оварда расонид. Пештар, ки мақомоти ҳифзи ҳуқукро сохторҳои ҳизбӣ роҳбарӣ мекарданд, акнун дар вазъияти баамаломада мақомоти навтаъсис (Президент, Ҳукумат ва дигарҳо) натавонистанд чунин роҳбариро пурра ба роҳ монанд.

Чорум, роҳбарият ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар он вақт омода набуданд, ки бо силоҳдорони ҷонибҳои даргир муборизаи мусал-

лаҳона баранд, зеро онҳо пештар дар фаъолияту таҷрибаи худ ба чунин вазъ дучор нашуда буданд, онҳо дар вазъияти осоишта корашонро пеш мебурданд. Аз дигар тараф, шахсоне, ки мусаллаҳ шуда буданд, қисме аз онҳо як ё якчанд маротиба суд шуда буданд ё аз унсурҳои ҷиноятпеша иборат буданд.

Оид ба чунин вазъи ҳамонвақтаи ҷомеаи Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати 25-умин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ чунин қайд карда буданд: «Андешаву мафкураи халқ амалан ба ду тақсим шуда буд ва ҷавонони бетаҷрибаву гирифтори эҳсосот бо дастури хоҷагони дохиливу хориҷии хеш ба майдонҳо баромада, вазъиятро боз ҳам мураккаб месохтанд. Яъне дар кишвар ба ҷои қонун, ба ҷои низому тартибот беназмиву бесарусомонӣ ҳукмрон буд. Тамоми шохаҳои ҳокимият – аз мақомоти марказӣ то зинаҳои маҳаллӣ аз фаъолият бозмонда, бисёре аз роҳбарони онвақта дар чунин шароити ҳассос иродаи сиёсӣ, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва азму ҷасорати роҳнамоӣ кардани мардумро аз даст дода буданд. Як қисми зиёиён ва нерӯҳои солимфикри ҷомеа мавқеи шаҳрвандии худро муайян карда натавонистанд ва аз уҳдаи иҷрои қарзи шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа, бахусус дар назди ҷавонони бетаҷриба набаромаданд. Дар натиҷа эътиқоду эътимоди мардум ба роҳбарияти сиёсӣ ва ҳукумат шадидан коҳиш ёфт, зеро мамлакат дар чунин вазъи мураккаби сиёсиву ҷамъиятӣ амалан бе роҳбару роҳнамо монда буд. Дар як сол ду Президент ва панҷ Ҳукумат маҷбурӣ ба истеъфо рафтанд, ки ин нишонаи олии беқонуниву беназмӣ буд»[1].

Дар иҷлосия бо мақсади қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини тинҷиву оромӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон, барқарор намудани фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ якчанд қонунҳо қабул карда шуданд. Қонунҳо «Дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992»; «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд»; «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани

[1] Ниг.: www. president.tj /node/ 16605

ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволии онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» ва дигарҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар Иҷлосия ҳамчунон якчанд қарорҳое қабул шуданд, ки онҳо дар барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ нақши калидӣ доранд. Ба онҳо, аз ҷумла инҳо дохил мешаванд: қабули истеъфои Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, мансабдорони дигари давлатӣ (Раиси Комитети назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигарҳо), ҳамчунон дар бораи интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раис ва аъзои Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигарҳо.

Бояд ёдовар шавем, ки қабл аз баргузории Иҷлосия Раёсати Шурои Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «ҳукумати муросои миллӣ» номгузорӣ мешуд ва зери фишори «демоисломистҳо» таъсис гардида буд, барои истеъфо ариза дода буданд, зеро онҳоро аксарияти қисматҳои Тоҷикистон эътироф намекарданд ва ҳангоми бастани роҳи оҳан дар қитъаи «Хонақоҳ-Айнӣ» онҳо маҷбур шуданд ин иқдомро пеш гиранд. Баъдан, дар иҷлосия маълум гардид, ки онҳо ин амалро ба таври формалӣ (расмӣ) иҷро карданд ва хоҳиши аз вазифаҳои худ канора шуданро надоранд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, иҷлосия масъаларо баррасӣ карда, истеъфои онҳоро қабул кард.

Яке аз масъалаҳое, ки мавриди муҳокимаи иҷлосия қарор дода шуд – ин истеъфои маҷбурии Президенти Тоҷикистон Раҳмон Набиев буд, ки ӯ 7 сентябри соли 1992 дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе бо истифодаи зӯрӣ аз ҷониби гурӯҳи мусаллаҳи ҷиноятпешаи мухолиф ба аризаи истеъфо имзо гузошта буд. Дар ин ҷаласаи иҷлосия худи Раҳмон Набиев ширкат варзида, баромад кард. Ӯ дар баромади худ дар бораи истиеъфои маҷбурии худ маълумот дода, изҳор намуд, ки ба истеъфо меравад. Иҷлосия аризаи истеъфои 7 сентябри соли 1992 Раҳмон Набиевро ғайриқонунӣ эътироф карда, истеъфои дар иҷлосия изҳоркардаи ӯро қабул кард.

Бояд зикр кард, ки дар ин Иҷлосия бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз ниҳоди президентӣ даст кашида шуд, зеро дар он замона интихоби ҳамагонии президент ғайриимкон буд. Салоҳияти президент байни Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамчун Сарвари давлат, Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон тақсим карда шуданд[1]. Бо қабули Конститутсияи соли 1994 дар Тоҷикистон ниҳоди президентӣ барқарор гардид ва дар тӯли солҳои сипаришуда муҳимият ва зарурияти худро собит карда, барои таҳким ва рушди давлатдорӣ ва ноил шудан ба пешрафту дастовардҳо нақш ва саҳми сазовори худро гузошт.

Масъали дигари муҳиме, ки дар Иҷлосия мавриди муҳокима қарор дода шуд – ин қабули Мурочиатнома ба давлатҳои ИДМ оид ба дохил кардани қувваҳои сулҳхоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Давлатҳои ИДМ – Федератсия Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар вохӯрии намояндагони ин ҷумҳуриҳо, ки дар шаҳри Термизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон 30 ноябри соли 1992 баргузор гардид, розигии худро барои дохил кардани қувваҳои сулҳхоҳ иброз намуданд[2].

Вазифаи асосии ин қувваҳо муҳофизати иншоотҳои муҳим, посбонии шоҳроҳҳо, мустаҳкам намудани сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ки дар як вақт сарҳади ҷанубии ИДМ аст, ба шумор мерафт.

Дар як муддати кӯтоҳ бо заҳмату талошҳои роҳбарияти мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гардида, сохторҳои фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барқарор гардида, Артиши миллӣ ва Нерӯҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис дода шуданд. Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо сохторҳои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохила аз нав созмон ёфта, онҳо бо аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ таъмин гардиданд.

Ҳамчунин дар минтақаҳое, ки дар он ҷо амалиётҳои мусаллаҳона гузашта буданд, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои маҳаллӣ барқарор карда шуданд. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати яксолагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз намуда буданд: «… имрӯз дастгоҳи давлатии фалаҷшуда ва мақомоти идоракунии харобгардида барқарор карда шуда, вазъияти ҷумҳурӣ тахти назорати марказ мебошад… Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ … созмон дода шуданд. Мақомоти муҳофизати ҳуқуқ, нерӯҳои Вазорати умури дохила ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар марказ ва ҳамаи вилояту ноҳияҳо мустаҳкам гардиданд. Халқ бовар кард, ки ҳукумати устувор дорад ва ин ҳукумат қодир аст амнияташро таъмин намояд»[3].

---

[1] Ниг.: Бунёди давлатдории навин. Гурӯҳи муаллифон. – М., 2022. – С. 50.
[2] Ниг.: Народная газета о народном Президенте. – Душанбе, 2020. – С. 29.
[3] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.1. – Душанбе, 2022. – С. 150.

Ҳамин тариқ, қонуну қарорҳои таърихии қабулкардаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон бо заҳмату талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳампешагони ӯ амалӣ гардиданд ва имрӯз халқи Тоҷикистон дар фазои тинҷиву оромӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба корҳои созандагию ободкорӣ машғул буда, осудаю осоишта зиндагӣ менамояд.

# ПАРЧАМ – НИШОНАИ ОЗОДИХОҲӢ

**Каримзода Карим Мазиё,**
муовини Раиси Суди конститутсионии ҶТ, номзади илмҳои сиёсӣ
**Тел.:** (+992) 918670532

30 сол муқаддам дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи навини Тоҷикистон ҳамчун иҷлосияи таърихӣ ва тақдирсоз арзёбӣ мегардад, дар баробари дигар масъалаҳои ҳаётан муҳими давлатию ҷамъиятӣ, масъалаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии вакилони иҷлосия қарор дода шуд.

Вакилони мардумӣ бо дарки баланди аҳамият ва нақши Парчам дар пешбурди давлатдорӣ, рамзи ватандориву ватандӯстӣ, қаҳрамониву шуҷоат, худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ будани он, инчунин ифтихор аз анъанаи парчамдории гузаштагони худ, бо як масъулияти баланди шаҳрвандию инсонӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуданд.

Бо ин назардошт, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи неки иҷлосияи зикршудаи Шурои Олӣ ва ҳамсоли он буда, ҷашнгирии он ба 30-умин солгарди баргузории иҷлосияи мазкур, ки чанде пеш халқи Тоҷикистон онро дар як руҳияи созандагиву бунёдкорӣ ва ифтихор аз ватану ватандорӣ ҷашн гирифтанд, рост меояд.

Ин рӯзи таърихӣ – рӯзи 24 ноябри соли 1992 буд, ки он дар дилу дидаи халқи баору номус ва сарбаланди Тоҷикистон ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон абадан маъво гирифт.

Рассомон ва ҳайати доварони Комиссияи озмунӣ аз 20 нафар олимону рассомони барҷастаи мамлакат иборат буданд, дар давраи фаъолияти худ зиёда аз 200 адад акси Нишону Парчам пешниҳодшударо баррасӣ карда, беҳтарини онро ҳамчун рамзи давлатдорӣ интихоб ва ба халқи Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

Тасдиқи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи басо ҳасос, мураккабу печидаи таърихи халқу ватанамон, ки нав ба истиқлолияти давлатӣ кадамҳои нахустини худро мегузоштанд ва ба даврае, ки мавҷудияти давлату миллат зери суол қарор дошт, рост омад. Дар кишварамон ҷанги таҳмилии хонумонсӯзи шаҳрвандӣ ва муборизаи беамони некиву бадӣ идома дошт. Тоҷикистон месӯхт, валангор мегардид, алангаи ӯ ҳамаро ба коми худ фурӯ мебурд.

Ҳазорон ҳамватанони мо ҷони худро аз даст дода буданд. Нолаву фиғони модарон ба осмон мепечид.

Ба назар чунин мерасид, ки дар кишвари мо боз рӯйдоди 4500 сол пеш аз ин рухдода такрор мешавад. Дар он айём Заҳок рӯзгори гузаштагони моро тираву хунин гардонид. Ҳазорон касон ба доми морони ӯ афтода, ба ҳалокат расиданд. Мардумро сари ҳар қадам аҷал домангир буд. Коваи Оҳангар пешдомани чармии худро Парчам намуда, мардуми бо нангу номус ва шӯҷои ориёиро, ки аз зулму бедодгарии Заҳок ва морони ӯ ба шӯр омада буданд, бар зидди Заҳоқ ва қувваҳои аҳриманӣ бархезонд. Ӯ қиём кард ва ба пирӯзӣ расид. Пешдомани ӯ Парчами Ковиён ном гирифт.

Ин руйдоди бузург дар таърихи минбаъдаи рӯзгори аҷдодони мо ба рафти давлатдорӣ, таърих, фарҳанги оламшумул ва зиндагиномаи халқи мо мазмуну мундариҷаи нав бахшид. Халқи мо ба қувваю асолат, муҷизаю тавоноӣ ва таъсири руҳию маънавии Парчами давлатӣ ҳамчун як зуҳуроти фавқуллода эътиқод ва эътимод пайдо кард.

Он рӯзҳои даҳшатовари ҷанги шаҳрвандӣ, дар баробари навмедию маъюсӣ, инчунин ҳисси баланди ватанхоҳиву ватансозӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатии нав ба дастомада ва ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба ҷанги аҳриманӣ боло мегирифт. Фарзандони баруманди миллат ба ҳимояи Ватан ва марзу буми он, бақои давлату миллати худ бархоста, чун 4500 сол пешин ба парчаме чун Дирафши Ковиён ва парчамбардорони миллат ниёз ва эҳтиёҷ пайдо карданд.

Мардуми боифтихор, шуҷову далери тоҷик бо амали ватандӯстона ва ватанпарваронаи вакилони халқ, ки Қонуни зикршударо қабул карданд, соҳиби Парчам ва ҳазорон парчамбардорони миллати худ гардида, зери ин Парчами давлати соҳибистиқлол хавфу хатари ба сари давлат ва миллати куҳанбунёд омадаро аз сари худ дур кард ва ягонагии марзу буми онро нигаҳ дошт. Ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид, ба халқ сулҳ, тинҷиву оромӣ, фазои беғубору осмони соф ва рӯзгори нек фароҳам овард. Ба шоҳроҳи дигаргуниҳои азими сиёсию иҷтимоӣ ва бунёдкориву созандагӣ қадамҳои устувор гузошт. Ба давлати соҳибистиқлоли тоҷик обрӯ ва эътибор ато намуд.

Ҳамин тариқ, парчаму парчамдории гузаштагони ориёии мо, ки ба давлатдории Пешдодиён ва Кайёниён рафта мерасад, аз оғози давлатдории ҷомеаи инсонӣ башорат дода, ҳамчун рамзи нангу номус ва ватандории гузаштагонамон ба мо мерос монд.

Мазмуну мундариҷаи Парчами давлатии моро дар замони соҳибистиқлолӣ амалӣ намудани орзуву омоли фарзандони баруманди ин миллат дар роҳи расидан ба давлати соҳибистиқлоли

миллӣ, ҳифз ва афзун гардонидани арзишҳои бунёдии давлати мустақили миллӣ, таъриху фарҳанги миллат ва бунёди ҷомеаи адолатпарвару иҷтимоӣ ташкил медиҳад ва моро ба худшиносиву худогоҳӣ, қаҳрамонӣ ба хотири гузаштаву имрӯза ва ояндаи давлату миллат ҳидоят менамояд.

Ҳамин аст, ки давлат ва Ҳукумат аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиром, арҷгузорӣ, ҳифз ва чун гавҳараки чашм эҳтиёт кардани Парчами давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Бо ин мақсад, 6 августи соли 1993 Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои истифодаи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби тайёр намудани парчам» қабул гардида, ба тартиби барафрохтани он дар биноҳои давлатию ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ, дар рӯзҳои ид ва ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ замиина гузошт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ ва санади эътибори олии ҳуқуқӣ доштаи давлат дар баробари Нишон ва Суруди миллӣ, Парчами давлатиро рамзи давлатӣ эълон намуда, онро ҳамчун унсури появии асосҳои сохтори конститутсионӣ ва давлатдории миллӣ эътироф намуд.

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2007 № 609 «Дар хусуси тасдиқи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасвири Парчами давлатӣ тасдиқ карда шуд.

Тибқи қарори мазкур, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон матои росткунҷаи аз се рахи рангаи уфуқӣ: рахи боло ранги сурх, паҳнои он ба рахи поёнии сабз баробар; рахи сафеди мобайн якуним баробари паҳнои ҳар яке аз раҳҳои ранга, дар миёни он рамзи тоҷи бо зарҳал тасдиқшуда ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира кашидашуда иборат, бо бару дарозии 1:2 арзёбӣ гардид.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2007 № 254 «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қонуни мукаммал мавриди танзим қарор дода шуда, эҳтирому садоқат ба онҳо ҳамчун рамзи давлатдорӣ дар madди аввал гузошта шуд.

Дар баробари Нишон ва Суруди миллӣ тартиби афрухтан ва истифодаи расмии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Қонун ва таҳқири рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муайян карда шуд.

24 ноябри соли 2009 Рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст ҳамчун иди миллӣ бо ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва шукрона аз даврони соҳибистиқлолию соҳибихтиёрӣ ҷашн гирифта шуд.

Парчами давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол чун рамзи бахту саодат, сарсабзию хуррамӣ ва сарбаландии миллату давлати тоҷикон, мақсаду ҳадафҳои созандаи ин миллати тамаддунофарро дар баландтарин минбарҳо ҷилвагар менамояд, ки ин боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист.

Парчами миллӣ ифодагари иқболу истиқлол, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангии мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудааст.

Парчами давлатии Тоҷикистон бо бузургию ҳашамат, ки назираш дар дунё нест, дар баландии 165 метр ҷойгир мебошад. Он доимо парафшон буда, рамзи озодӣ, шукуфоӣ, ояндаи дурахшон ва мояи ифтихори халқи соҳибдавлати тоҷик аст.

Эҳтироми парчами давлатӣ дар тамоми давлатҳои ҷаҳон ҳамчун рамзи давлатдорӣ ба ҷо оварда мешавад ва иди Парчам ҳамасола дар давлатҳои Мексика, Канада, ИМА, Шветсария, Полша, Ҷопон, Либерия ва дигарҳо ботантана ҷашн гирифта мешавад.

Манораҳои бузурги Парчам дар Озорбойҷон (162 м.), Куриёи Шимолӣ (160 м.), Урдун (133 м.), Туркманистон (133 м.) сохта шудаанд, ки халқи ин кишварҳо аз онҳо ифтихор дошта, аз эътиқоду эътимоди онҳо ба Парчами худ шаҳодат медиҳад.

Бигузор Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар фазои беғубору беолоиш ва осмони софи кишварамон парафшон бошад ва ҳамчун рамзи озодӣ ва саодати абадӣ халқи моро ба қуллаҳои мурод расонад.

# ГАНС КЕЛЗЕН – АСОСГУЗОРИ АВВАЛИН СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР АВРУПО

**Шарофзода Рустам Шароф,**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

Ганс Келзен (11 октябри соли 1881 – 19 апрели соли 1973) – муаллифи консепсияи назорати судии конститутсионӣ буда, дар заминаи консепсияи мазкур ва бо ташаббуси бевоситаи ӯ аввалин маротиба дар Аврупо Суди конститутсионии Австрия таъсис дода мешавад. Г. Келзен ба ҳайси судяи Суди конститутсионии Австрия фаъолият намудааст.

Ганс Келзен (Hans Kelsen) ҳуқуқшиноси намоёни Австрия ва ИМА, мутахассиси соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳукуқи байналмилалӣ мебошад. Ганс Келзен муаллифи беш аз 400 асарҳо дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳукуқи байналмилалӣ мебошад. Як қатор асарҳои Г. Келзен ба забони русӣ тарҷума шудаанд[1].

Нахустин асарҳои Г. Келзен ба масъалаҳои ҳуқуқи давлатӣ бахшида мешаванд. Аввалин китоби ӯ «Назарияи давлати Данте Алигерӣ» соли 1905 нашр мешавад. Соли 1911 таҳқиқоти Келзен бо номи «Проблемаҳои асосии назарияи ҳуқуқи умумӣ» (700 саҳифа) нашр мешавад. Соли 1914 бо ташаббуси ӯ маҷаллаи илмии «Ҳуқуқи умумӣ» (дар ҳаҷми се ҷилд) нашр мешавад. Дар давраи Ҷанги Якуми Ҷаҳон

[1] Ниг.: Кельзен Г. Общее учение о государстве. – Берлин: Изд. Шпрингера, 1925 // Революция права. – М.: Изд-во Ком. Акад., 1928, № 2. – С. 149-152; Чистое учение о праве Ганса Кельзена. К XIII конгрессу Международной ассоциации правовой и социальной философии (Токио, 1987): Сборник переводов. Вып. 1 / Отв. ред.: Кудрявцев В. Н., Разумович Н. Н.; Пер.: Лезов С. В., Пивоваров Ю. С. – М.: Изд-во ИНИОН РАН, 1987. – 195 с.; Чистое учение о праве Ганса Кельзена. Сборник переводов. Вып. 2 / Отв. ред.: Кудрявцев В. Н., Разумович Н. Н.; Пер.: Лезов С. В. – М.: Изд-во ИНИОН РАН, 1988. – 213 с.; Кельзен Г. Судебная гарантия конституции (конституционная юстиция). Часть 1 // Право и политика. – М.: Nota Bene, 2006, № 8. – С. 5-14; Кельзен Г. Судебная гарантия Конституции. (Конституционная юстиция. Часть 2. Окончание) // Право и политика. – М.: Nota Bene, 2006, № 9. – С. 5-18; Чистое учение о праве и аналитическая юриспруденция. Перев. с англ. А.А. Краевского // Российский ежегодник теории права. № 2. 2009. СПб., 2011. – С. 432-453.

дар вазифаи мушовири ҳуқуқии вазири ҳарбӣ, мушовири идораи ҳарбӣ ва судӣ кор мекунад.

Соли 1918 ба вазифаи адъюнкт-профессори Донишгоҳи Вена таъйин мешавад. Соли 1919 ба вазифаи профессори ҳуқуқи умумӣ ва маъмурӣ интихоб мешавад. Дар муддати 10 сол дар Донишгоҳи Вена фаъолияти илмӣ-эҷодиро идома дода, мактаби венагии худро ташкил медиҳад.

Г. Келзен дар таҳияи қонунҳои конститутсионии Австрия иштирок мекунад. Соли 1919 дар таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Австрия ширкат меварзад. Конститутсияи Австрия соли 1920 қабул мешавад. Дар Конститутсияи Австрия (соли 1920) К. Келзен ақидаашро оид ба таъсиси Суди конститутсионии Австрия ифода мекунад. Пас аз таъсиси Суди конститутсионии Австрия дар вазифаи судяи Суди конститутсионӣ фаъолият менамояд. Келзен то соли 1930 дар Суди конститутсионии Австрия фаъолият намуда, бо сабабҳои сиёсӣ фаъолияташро қатъ мекунад. Келзен дар солҳои фаъолияташ ба қабул ва мазмуни қарорҳои Суди конститутсионии Австрия таъсири бевосита мерасонад. Чунончи, мақомоти маъмурии Австрияи католикӣ никоҳи такрориро иҷозат медиҳанд. Аммо, судҳои поёнӣ қарорҳои мақомоти маъмуриро зиддиҳуқуқӣ эътироф мекунанд. Суди конститутсионии Австрия бо роҳбарии Г. Келзен қарорҳои судҳои поёниро бекор мекунад. Вале дар ниҳояти кор ҳизби иҷтимоии христианӣ дар ҷараёни муҳокимаҳои судӣ ғалаба мекунад. Дар натиҷа ба Г. Келзен фишори сиёсӣ мерасонанд. Соли 1930 Г. Келзен маҷбур мешавад, ки фаъолияташро дар Суди конститутсионии Австрия қатъ намуда, ба Кёлн (Олмон) муҳоҷират намояд.

Г. Келзен пас аз соли 1930 дар Донишгоҳи Кёлн кор мекунад. Дар ин давра асарҳояшро доир ба ҳуқуқи байналмилалии позитивӣ ва консепсияи соҳибихтиёрӣ нашр мекунад.

Г. Келзен дар оилаи яҳудӣ таваллуд шуда, солҳои 1930-юм, дар шароити ба сари ҳокимият дар Олмон омадани фашистон ва паҳн гардидани идеологияи гитлерӣ таъқиб карда мешавад. Мавсуф соли 1933 дар натиҷаи ба сари ҳокимият омадани фашистон Донишгоҳи Кёлнро тарк намуда, ба Швейсария муҳоҷират мекунад.

Г. Келзен пас аз нашри асари машҳураш «Назарияи софи ҳуқуқ» (соли 1934) ҳамчун олим ва мутахассиси намоёни соҳаи назарияи ҳуқуқ пазируфта мешавад. Ҳамчунин, асари ӯ доир ба техникаи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва мурофиаи ҳуқуқӣ ҳамон сол нашр мешавад. Дар Донишгоҳи Прага лексия мехонад. Аммо дар натиҷаи авҷ гирифтани ҳаракати зиддисемитӣ ба Прага муҳоҷират мекунад. Соли 1940 дар натиҷаи забт гардидани Чехословакия аз та-

рафи фашистон ба ИМА муҳоҷират намуда, то охири ҳаёташ фаъолияташро идома медиҳад. Ӯ солҳои 1940-1942 дар вазифаи ходими илмии факултети ҳуқуқшиносии Гарвард, соли 1942 дар вазифаи профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи Калифорния (ш. Беркли), солҳои 1945-1952 дар вазифаи профессори ҳуқуқи байналмилалии ҳамин Донишгоҳ кор мекунад. Дар ин давра асарҳои ӯ «Сулҳ тавассути қонун» (соли 1944) ва «Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат» (соли 1945) нашр мешаванд.

Г. Келзен то соли 1952 дар донишгоҳҳои ИМА (асосан Донишгоҳи Калифорния) вазифаи профессорро иҷро намуда, ҳамчунин, дар вазифаи мушовири ҳуқуқии Комиссияи СММ оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ кор мекунад. Дар омода намудани мурофиаи Нюренберг ширкат меварзад. Дар давраи фаъолият дар СММ бо қалами Келзен таҳқиқоти Шӯрои Амнияти СММ бо номи «Қонуни СММ» дар ҳаҷми 900 саҳифа (соли 1960) интишор шуда, борҳо мавриди омӯзиш қарор мегирад. Соли 1951 дар Сиэтл фанҳои таълимии соҳаи ташкилотҳои байналмилалиро дарс медиҳад. Асари Г. Келзен «Назарияи умумии меъёрҳо» соли 1975 пас аз вафоташ нашр мешавад.

Г. Келзен соли 1952 ба нафақа баромада, асарашро бо номи «Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» нашр мекунад. Дар Женева, Нюпорт, Гаага, Вена, Копенгаген, Стокголм, Эдинбург, Чикаго бо лексияҳо баромад мекунад. Г. Келзен дорандаи 11 дараҷаи фахрии доктори илм (дар Гарвард, Чикаго, Берлин, Ню-Йорк, Париж ва ғайра) ва мукофотҳои зиёди илмӣ мебошад. Г. Келзен 19 апрели соли 1973 дар ш. Беркли (штати Калифорния) дар синни 92-солагӣ вафот намудааст.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Г. Келзен асарҳои зиёд дар кишварҳои гуногун эҷод шудаанд. Эҷодиёти илмии Г. Келзен дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад[1].

Консепсияи назорати судии конститутсионии Г. Келзен ба ташаккул ва инкишофи модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ замина мегузорад. Модели мазкур дар давлатҳои Аврупо, дар бештари кишварҳои Осиё, Африка, як қатор давлатҳои Амрикои Ло-

[1] Ниг.: Антонов М. В. Ганс Кельзен (1881–1973): основные вехи интеллектуального пути // Право. Журнал Высшей школы экономики. – 2013. – № 1. – С. 3–15; Комарова Э. С. Кельзен Г. и философия права // Проблемы буржуазной теории права философия права. – М.: ИНИОН АН СССР, 1984. – Вып. 3. – С. 104–128; Краевский А. А. Российский ежегодник теории права // Российский ежегодник теории права. – 2011. – № 3. – С. 790–811; Сабо И. Ганс Кельзен и марксистская теория права // Против современной правовой идеологии империализма / Под ред. В. А. Туманова. – М.: Иностранная литература, 1962. – С. 297–341.

тинӣ паҳн мешавад. Тибқи иттилои Г. Арутюнян, модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар 110 давлати ҷаҳон, модели амрикоӣ бошад, дар 48 кишвар истифода мешавад[1].

Тавре маълум аст, модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ таъсиси мақомоти махсуси назорати конститутсиониро пешбинӣ мекунад. Дар бештари кишварҳо бо ин мақсад Суди конститутсионӣ таъсис дода мешавад. Модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар кишварҳои пасосотсиалистӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои ИДМ истифода мешавад. Зимни таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон модели аврупоӣ истифода шудааст[2].

Ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон, модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар заминаи назарияи Г. Келзен ташаккулу инкишоф ёфтааст. Г. Келзен назарияи назорати конститутсионии қонунҳоро пешниҳод намуда, ба таҷрибаи таъсису инкишофи судҳои конститутсионӣ дар Аврупо ва кишварҳои дигари ҷаҳон замина мегузорад[3].

Дар Австрия дар давраи монархияи конститутсионӣ (солҳои 1867-1919) то таъсиси Суди конститутсионии Австрия (с. 1920) Суди империя ва Суди давлатӣ фаъолият доштанд. Суди давлатӣ, ки таъсиси он барои пешниҳоди айбдорӣ ба вазирон пешбинӣ шуда буд, ба фаъолият шурӯъ намекунад. Соли 1919 бо баробари гузариш ба сохти ҷумҳурӣ Суди конститутсионии олмониву австриягӣ таъсис дода мешавад. Суди конститутсионии ҳоло амалкунанда дар Австрия дар

[1] Ниг: Арутюнян Г. Особенности функционирования конституционных судов в условиях общественной трансформации // Конституционное правосудие. Вестник Конференции органов конституционного контроля стран молодой демократии. Выпуск 1 (51) 2011. Ереван: Изд-во Центра конституционного права Республики Армения, 2011. С. 43.

[2] Оид ба хусусиятҳои назорати судии конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал ниг.: Сотиволдиев Р.Ш., Мирзоев С.Б. Судебный конституционный контроль в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2015. – 236 с.

[3] Ниг.: Клишас А.А. Конституционный контроль и конституционное правосудие зарубежных стран. Сравнительно-правовое исследование / под ред. Профессора В.В. Еремяна. М.: Международные отношения, 2007. С. 128, 137, 140; .Медушевский А. Кельзеновская модель конституционного правосудия и изменение конституций в странах Восточной Европы // Конституционное правосудие в постсоветских странах: сборник докладов. М.: Центр конституционных исследований МОНФ, 1999. С. 18; Пулбере Д. Соблюдение прав человека и контроль конституционности законов в общем и на примере Республик Молдова // Конституционное правосудие. Вестник Конференции органов конституционного контроля стран молодой демократии. Выпуск 1 (51) 2011. Ереван: Изд-во Центра конституционного права Республики Армения, 2011. С. 59; Сравнительное конституционное право / Отв. ред. В.Е. Чиркин. М.: Международные отношения, 2002. С. 90 – 91 ва дигар.

асоси Қонуни конститутсионии федералӣ аз якуми октябри соли 1920 таъсис дода мешавад. Суди конститутсионии Австрия ваколати назорати конститутсионии қонунҳоро иҷро мекунад. Салоҳияти мазкурро Суди конститутсионии Австрия бори аввал дар минтақаи Аврупо амалӣ намуда, ба таҷрибаи назорати судии конститутсионӣ замина мегузорад[1].

Суди конститутсионии Австрия бори нахуст салоҳияти назорати конститутсионии қонунҳои парламентро ба зимма мегирад. Тавре Г. Келзен таъкид мекунад, Суди конститутсионии Австрия бо баробари амалӣ намудани салоҳияти назорати конститутсионии қонунҳо ба ягона дар таърихи конститутсионӣ мақоми судӣ табдил ёфта, фаъолияти он аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқӣ пайдо мекунад[2].

Г. Келзен муаллифи Конститутсияи Австрия соли 1920 маҳсуб мешавад. Ӯ дар Конститутсияи мазкур модели австриягии (аврупоии) назорати конститутсионии қонунгузориро тавассути таъсиси Суди конститутсионии Австрия ифода мекунад. Модели мазкур дар таҷрибаи давлатҳои зиёд истифода мешавад[3].

Ба ақидаи ҳуқуқшиносони Австрия, зимни ифодаи модели назорати судии конститутсионӣ назарияи ҳуқуқи Г. Келзен бевосита истифода мешавад[4]. Г. Келзен асосгузори назарияи нави ҳуқуқ бо номи «назарияи софи ҳуқуқ» мебошад. Назарияи мазкур ҷузъи равияи дар ҷаҳон паҳншудаи позитивизми ҳуқуқӣ мебошад. Дар назарияи позитивӣ вобастагии мутлақи ҳуқуқ ва ахлоқ зери шубҳа гирифта мешавад, ҳуқуқ ба маънои факти воқеӣ (ҳаётӣ), сарфи назар аз дарки метафизикии он омӯхта мешавад. Аз ҷумла, А.А. Краевский чор аломати асосии позитивизми ҳуқуқиро муайян мекунад: 1) аз лиҳози илмӣ ҷудо намудани ҳуқуқ ва ахлоқ; 2) дарки ҳуқуқ ҳамчун факти иҷтимоӣ; 3) танқиди объективизми этикӣ (ахлоқӣ); 4) заминаи амалии (эмпирикии) ҳуқуқ ҳамчун заминаи методологӣ[5].

---

[1] Ниг.: Конституционный суд Австрии / Пер. на русск. яз. А. Штёкль: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ:www.verfassungsgerichtshof.at (санаи муроҷиат 1.10.2022).

[2] Ниг.: Hans Kelsen/Georg Froehlich/Adolf Merkl, Die Bundesverfassung vom 1. Oktober 1920). - 1922 г. - С. 253.

[3] Ниг.: Краевский А.А. Ганс Кельзен и теория судебного контроля законодательства // Правоведение. 2012. № 2. С. 186–189.

[4] Ниг.: Voegelin E. The Collected Works of Eric Voegelin. V. 4. The Authoritarian State: An Essay on the Problem of the Austrian State. Columbia: University of Missouri Press, 1999. P. 163–212; Öhlinger T. The Genesis of the Austrian Model of Constitutional Review of Legislation // Ratio Juris. 2003. V. 16. № 2. P. 206–222.

[5] Ниг.: Краевский А.А. Чистое учение о праве Ганза Кельзена и современный юридический позитивизм: автореф…канд. юрид. наук. М.. 2014. С. 11. 30 с.

Ақидаи Г. Келзен роҷеъ ба ҳуқуқ ҳамчун факти иҷтимоӣ (ҳаётӣ, воқеӣ) боиси он мегардад, ки дар позитивизми ҳуқуқӣ имконияти дарки ҳуқуқи фитрии барҳақ рад карда мешавад. Ин ақида дар назарияҳои позитивӣ бо дарназардошти робитаи ҳуқуқи фитрӣ ва ахлоқ васеъ паҳн мешавад. Тавре маълум аст, назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ба арзишҳо ва принсипҳои ахлоқӣ такя доранд. Ба ақидаи мухолифони назарияҳои позитивӣ, ки консепсияи ҳуқуқи фитриро ба асос мегиранд, ҳуқуқҳои фитрӣ бо арзишҳои ахлоқӣ робитаи устувор доранд. Бесабаб нест, ки назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқиро назарияҳои ахлоқӣ ё этикӣ меноманд.

Баҳси мазкур оид ба таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ, ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи позитивӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ идома ёфтааст. Солҳои 2000-ум дар илми ҳуқуқшиносии давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар байни намояндагони назарияи либертарии ҳуқуқ (В.С. Нерсесянс) ва мухолифони назарияи либертарӣ (О.В. Мартишин, Г.В. Малтсев ва дигарон) мубоҳисаи илмӣ оид ба таносуби ҳуқуқ ва арзишҳои ахлоқӣ, моҳияти арзишҳои ҳуқуқӣ-ахлоқӣ, таносуби арзишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, имконияти ифодаи арзишҳои ахлоқӣ дар ҳуқуқ авҷ мегирад.

Консепсияи меъёри ҳуқуқ ва таснифи меъёрҳо, ки унсури марказии назарияи ҳуқуқи Г. Келзен мебошад, ба инкишофи позитивизми ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Ақидаҳои Г. Келзен роҷеъ ба сохти мартаботии меъёрҳо, мавқеи меъёрҳои конститутсия дар низоми ҳамаи меъёрҳо, зарурати назорати конститутсиониии қонунҳо барои таъсиси аввалин Суди конститутсионӣ дар минтақаи Аврупо – Суди конститутсионии Австрия нақши ҳалкунанда бозиданд. Хулосаи мазкурро якчанд иқтибосҳо аз асари Г. Келзен «Назарияи софи ҳуқуқ» собит менамоянд.

Чунончи, Г. Келзен ақидаи конститутсияи воқеӣ, амалкунандаро тарғиб мекунад. Тавре Г. Келзен таъкид мекунад, конститутсия дар ҳолате эътибор дорад. ки агар меъёрҳои он «татбиқ ва риоя карда шаванд»[1].

Г. Келзен самаранокии конститутсияро бо татбиқ ва риояи меъёрҳои он алоқаманд мекунад. Дар замони Г. Келзен сохти давлатии Австрия, Олмон ва кишварҳои дигари Аврупо якчанд маротиба тағйир меёбад. Чунончи, Австрия аз сохти подшоҳӣ (монархия) ба шакли идоракунии ҷумҳурӣ мегузарад. Дар шароити тағйири сохти давлатдорӣ табиист, ки конститутсия тағйир меёбад, конститутсияи

[1] Ганс Кельзен. Чистое учение о праве. – 2-е изд. / перевод с немецкого М.В. Антонова и С.В. Лезова. – СПб.: «Алеф-Пресс», 2015. (542 с.). С. 262.

қаблӣ қатъ мегардад, конститутсияи нав қабул мешавад. Аз ин хотир, Г. Келзен ба масъалаи самаранокӣ ва эътибори конститутсия эътибори ҷиддӣ медиҳад. Тавре ӯ таъкид мекунад, қонунҳое, ки дар асоси конститутсияи қаблӣ қабул шуданд, эътибор надоранд[1]. Эътибори ҳуқуқии қонунҳоро мавсуф бо конститутсияи амалкунанда алоқаманд намуда, ҳамзамон бо ин, нуфузи конститутсияро дар ташаккули қонунгузории нав эътироф мекунад.

Ба андешаи Г. Келзен, ҳуқуқ аз низоми меъёрҳое иборат аст, ки сохти мартаботӣ доранд. Тартиботи ҳуқуқӣ аз меъёрҳои дорои эътибори гуногун иборат аст. Конститутсия дар тартиботи ҳуқуқии давлатӣ «сатҳи аз ҳама баланд дорад»[2].

Г. Келзен хусусиятҳои зерини конститутсияро муайян мекунад: 1) сатҳи олии конститутсия; 2) меъёрҳои конститутсия заминаи қабули меъёрҳои қонунгузорӣ мебошанд; 3) меъёрҳои конститутсия бо тартиби махсус тағйир дода мешаванд ё қатъ мегарданд; 5) меъёрҳои конститутсия мазмуни ҳамаи қонунҳоро муайян мекунанд; 6) конститутсия ҳуқуқу озодиҳоро дар бар гирифта, зарурати қабули қонунҳоро тибқи онҳо пешбинӣ мекунад; 7) қонунҳое, ки хилофи мазмуни конститутсия, аз ҷумла хилофи ҳуқуқу озодиҳо қабул мебошанд, зиддиконститутсионӣ буда, имконияти бекор намудани ин қонунҳо ҷой дорад[3].

Дар низоми меъёрҳо, ки Г. Келзен пешниҳод намудааст, пас аз конститутсия ҷойи дуюмро меъёрҳои умумӣ, ки бо қонунҳо ё тибқи одат муқаррар карда мешаванд, ишғол мекунанд. Зинаи сеюмро меъёрҳои мақомоти судӣ ва маъмурӣ ишғол мекунанд. Мақомоти судӣ ва маъмурӣ, агар конститутсия онҳоро ваколатдор намуда бошад, салоҳияти қабули меъёрҳоро дар ҳолатҳои мушаххас амалӣ мекунанд[4]. Г. Келзен таклиф пешниҳод мекунад, ки судҳои инстансияи болоӣ салоҳияти муқаррар намудани меъёрҳои амсоли судиро бояд дошта бошанд[5].

Тавре Г. Келзен қайд мекунад, бо мақсади муайян ва бекор намудани қонунҳои зиддиконститутсионӣ («contradictio in adjecto») мақомоти махсуси судӣ бояд таъсис дода шавад[6]. Мақомоти махсуси

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 262.
[2] Ганс Кельзен. Ас. иш. – С. 278.
[3] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 278-281.
[4] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 181-182.
[5] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 310.
[6] Ниг.: Ганс Кельзен. Ас. иш. С. 334.

судӣ, ки ваколати санҷиши конститутсионии қонунҳоро амалӣ мекунад, дар низоми судӣ мавқеи аз ҳама баланд дорад[1].

Нуфузи конститутсияро Г. Келзен зимни таҳқиқи таносуби конститутсия ва ҳуқуқи байналмилалӣ муайян мекунад. Зимни таҳлили ин масъала Г. Келзен якчанд ақидаҳои муҳимро, ки дар ҳаёти мо аҳаммияти худро гум накардаанд, баён мекунад.

Чунончи, Г. Келзен менависад, ки меъёри асосӣ «асоси воқеӣ будани ҳам конститутсияи давлатӣ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад»[2]. Айни замон ӯ шарти асосии эътирофи ҳуқуқи байналмилалиро бо соҳибихтиёрии давлат алоқаманд мекунад. Ба андешаи мутафаккир, меъёри асосӣ ба шарте заминаи пазируфтани ҳуқуқи байналмилалӣ шуда метавонад, ки агар ҳуқуқи байналмилалӣ ҷузъи тартиботи ҳуқуқии давлатӣ бошад, соҳибихтиёрии давлатро маҳдуд накунад. Агар ҳуқуқи байналмилалӣ тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатиро ба худ тобеъ намояд, пас меъёри асосӣ ҳамчун кафолати «тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ» ё соҳибихтиёрии давлат вазифаи худро иҷро карда наметавонад. Дар ин ҳолат эътибори конститутсия нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ паст мешавад[3].

Эътирофи расмии ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъмини соҳибихтиёрии давлат, ба андешаи Г. Келзен, аз нуфузи ҳуқуқи байналмилалӣ ё конститутсия ҳамчун ҷузъи тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ вобастагӣ дорад. Тавре мутафаккир таъкид мекунад, агар ҳуқуқи байналмилалӣ афзалият дошта, нуфузи тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ (яъне ҳуқуқ) пасттар бошад, пас соҳибихтиёрии тартиботи ҳуқуқӣ дар дохили давлат таъмин намешавад[4].

Г. Келзен қайд мекунад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ барои давлат дар ҳолате эътибор дошта метавонад, ки агар давлат «дар асоси конститутсияи худ ин ҳуқуқро эътироф намуда бошад»[5]. Тавре мушоҳида мешавад, Г. Келзен нуфузи конститутсияро боло мебардорад. Ба андешаи ӯ, пазируфтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути конститутсия яке аз роҳҳои асосӣ ва қонунии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар давлат маҳсуб мешавад.

Ба ақидаи Г. Келзен меъёри асосӣ, ки бо конститутсияи давлат робита дорад, асоси ягонаи воқеӣ будани ҳуқуқ аст, ҳаққоният, воқеияти ҳуқуқро собит менамояд. Айни замон, меъёри асосӣ, ки бо

---

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 336.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 270.
[3] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[4] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[5] Ганс Келзен. Ас. иш. – С. 270.

конститутсия робита дорад, асоси эътироф ва амали ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар мекунад.

Тавре мушоҳида мешавад, Г. Келзен таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва конститутсия ё тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатиро дар робита бо мафҳуми «соҳибихтиёрӣ» муайян мекунад. Зимни таҳқиқи ин масъалаи дорои аҳаммияти сиёсӣ Г. Келзен ақидаи зеринро пешкаш мекунад: «Ҳуқуқи байналмилалӣ – қисми таркибии тартиботи ҳуқуқии давлатии соҳибихтиёр мебошад»[1].

Ин ақидаи Г. Келзен, ки дар ибтидои асри гузашта пешниҳод шудааст, дар ҳаёти муосир аҳаммияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Тавре маълум аст, ибтидои солҳои 1990-ум, дар давраи пош хӯрдани ИҶШС (Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ), таъсиси давлатҳои мустақили соҳибистиқлоли пасошӯравӣ, дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, тазоди сиёсӣ, бесарусомонӣ, низоъҳои дохилидавлатӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ, буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ масъалаи ба таъмини соҳибихтиёрии давлатҳои пасошӯравӣ назарияҳо ва идеологияи хориҷӣ таъсири бевосита мерасониданд. Дар ҳамин давра назарияҳои гуногуни неолибералӣ бо мақсади паст намудани нақш ва нуфузи давлат дар кишварҳои пасошӯравӣ паҳн мешаванд, баҳс оид ба таносуби конститутсия ва ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи дохилидавлатӣ (миллӣ) ва ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва конститутсияи миллӣ авҷ гирифта, якчанд сол давом мекунад.

Дертар, бо баробари ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ, алалхусус, пас аз қабули конститутсияҳо дар Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Беларус ва давлатҳои дигар таҳкими воқеии соҳибихтиёрии давлатҳои пасошӯравӣ бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ оғоз мешавад. Дар давраҳои минбаъда аҳаммият ва нақши ҳалкунандаи соҳибихтиёрӣ ҳамчун заминаи рушди миллӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ якдилона пазируфта мешавад. Дар солҳои васеъ паҳн гардидани ҷаҳонишавӣ (ҷаҳонишавии сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар), афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ (муқобилияти иттилоотӣ, имконияти ворид гардидани фарҳанги бегона, терроризми байналхалқӣ, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва дигар) зарурати ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ ба сатҳи нав мебарояд.

Тавре дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба

[1] Ҳамон ҷо.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 21-уми декабри соли 2021 таъкид гардид: «Мову шумо хуб дар ёд дорем, ки даҳ соли аввали истиқлолият барои мардуми Тоҷикистон марҳалаи озмоиши бисёр сахту сангини таърихӣ буд...

Барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузарониданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо карданд»[1].

Ҳамчунин дар Паёми мазкури Пешвои миллат таъкид мешавад: «Дар оғози солҳои навадуми асри гузашта – замоне, ки давлати соҳибистиқлоли мо аввалин қадамҳои худро мегузошт, Тоҷикистон бо фитнаву дасисаи нерӯҳои ифротгарои дохилӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо ба гирдоби мухолифати шадиди сиёсӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои зиёди ҷонӣ ва хисороти бузурги моддиву маънавӣ гардид…

Дар натиҷа, аз даҳсолаи дуюми даврони истиқлолият рушди босуботи иҷтимоиву иқтисодии кишвар оғоз гардида, мо барои расидан ба ҳадафи олии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидем»[2].

Солҳои охир вусъати таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ бори дигар зарурати ҳимоя ва таҳкими соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистонро собит менамоянд. Дар ин бора дар Паёми мазкури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нуктаи зерин таъкид мешавад: «Дар баробари ин, таъкид месозам, ки дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди мо вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводди мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд…

Ҳамватанони азизи мо хуб мушоҳида мекунанд, ки бо гузашти солҳо вазъи ҷаҳон мураккабу печида ва таҳдиду хатарҳои муосир боз ҳам ошкору шадид гардида истодаанд»[3].

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/27417 (санаи мурочиат 4.10.2022)

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Ҳамон ҷо.

Ҳамин тариқ, бо баробари тағйири шароити ҳаёти ҷомеа, вусъати ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ зарурати ҳимоя ва таҳкими соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон, ба мисли давлатҳои дигари соҳибистиқлол, бештар дарку эҳсос мешавад. Дар ҳимоя ва таҳкими соҳибихтиёрии давлат Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, дар м. 10-и Конститутсия эътибори олии ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амали мустақими меъёрҳои он эълон мешавад. Мутобиқи қ. 3 м. 10 Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба шарте қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил дода метавонанд, ки агар онҳоро Тоҷикистон эътироф намуда бошад. Муайян намудани мувофиқати шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон салоҳияти Суди конститутсиониро ташкил медиҳад (м. 89 Конститутсия).

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таъмини қонунияти конститутсионӣ бо дарназардошти афзалияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон вазифаи дар ҳаёти имрӯза ҳаётан муҳимро дар самти таъмин ва ҳимояи соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон иҷро мекунад. Ин бори дигар собит менамояд, ки ақидаи Г. Келзен роҷеъ ба зарурати таъмини соҳибихтиёрии давлат тавассути Конститутсия ва Суди конститутсионӣ имрӯз аҳамияташро нигоҳ медорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузаронидашуда собит менамояд, ки Г. Келзен яке аз олимони намоёни соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, муаллифи консепсияи назорати судии конститутсионӣ, асосгузори модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ буда, дар ташаккул ва такмили назорати судии конститутсионӣ, таъсис ва фаъолияти судҳои конститутсионӣ дар Аврупо ва давлатҳои дигари ҷаҳон саҳми арзанда дорад.

# ТАМАДДУНИ ЗАРДУШТӢ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ШИНОХТИ ҲУҚУҚ БА САЛОМАТӢ

**Миралиев И.Қ.,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** (+992) 908483869

**Сафарзода Н.Ф.,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ёрдамчии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918559828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

Инсоният дар масири таърих ҳамеша дар талоши он буда, ки бо роҳу василаҳои гуногун ҳаёт ва саломатии худро аз ҳар гуна омилҳои табиӣ ва ғайритабиӣ эмин нигоҳ дорад. Зеро дарк менамуд, ки дар сурати мавҷуд набудани чунин неъмати ноёфт имконияти зиндагӣ кардан мавҷуд набуда, ҷомеа низ рӯ ба нестӣ меорад. Дар натиҷаи масъулияти бошууронаи инсон ба ҳаёт ва саломатӣ шумораи аҳолӣ зиёд гардида, қавму қабила ва халқияту миллатҳои мухталиф ташкил карда мешаванд, ки роҳи ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёдро бозсозӣ менамоянд. Аз ин рӯ, пиндоштан ғалат нест, ки яке аз вазифаи таърихи гузаштаи инсонӣ, давлати муосир ва ҷомеаи байналмилалӣ аз эҳтиром гузоштан ва ҳифз намудани ҳаёт ва саломатии инсон иборат буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Таърихи гузаштаи инсоният дар роҳи шинохт ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалҳои наҷиберо анҷом дода, заминаи асосии сохти ҷомеаи муосирро гузоштааст, ки дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ эътироф гардидаанд. Ҳуқуқ ба саломатӣ чун қисми таркибӣ ва ҷудонопазири ҳуқуқҳои инсон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ пайваста дар ҳоли эҳтиром гузоштан ва ҳифз намудан қарор доштааст, ки инро метавон аз таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба таври возеҳ муайян намуд.

Аз нигоҳи Б. Тобес ҳуқуқ ба саломатӣ танҳо дар интиҳои асри XIX ба вуҷуд омадааст, вале нишонаҳои алоҳидаи онро дар тамаддунҳои юнонӣ ва римӣ мушоҳида намудан мумкин аст[1]. А.Е. Черних бошад, нақш ва мавқеи миллати русро дар роҳи шинохт ва эътирофи ҳуқуқ ба саломатӣ баланд арзёбӣ менамояд[2]. Маврид ба тазаккур аст, ки миллати тоҷик низ дар роҳи шинохти ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқ ба саломатӣ ҳанӯз аз ибтидои ҷомеаи башарӣ қадамҳои устувор ниҳода, роҳ ва василаҳои гуногуни эътирофу риояи ҳуқуқи ишорашударо матраҳ намудаанд. Аз ин рӯ, бо мақсади низомнок ва пайдарҳам баррасӣ намудани ҳуқуқ ба саломатӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, мо онро дар заминаи чор давраи таърихӣ – зардуштӣ, исломӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ ба риштаи таҳлил хоҳем кашид.

Таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик аз ҳазорсолаҳои қабл аз милод оғоз гардида, ба сифати нахустин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқии он Авасто шинохта шудааст. Муҳаққиқон пас аз таҳлили ҳаматарафаи дастхатҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои гуногун замони зиндагии Зардушт ва навишта шудани китоби Авасторо ба ҳазорсолаҳои II-и т.м. мансуб донистаанд, ки тақрибан ба 3500-4000 сол баробар мебошад[3].

Авасто ба сифати нахустин пизишки менуӣ (ҷаҳонӣ) Аирйаманро (Ирмонро)* муаррифӣ менамояд, ки мардумро аз ҳар гуна бемории наҷот мебахшид. Дар Ясной 27, банди 5 чунин пешбинӣ мегардад: «Эй Аирйамани гиромӣ! Ба-д-ин ҷо ой ёрии мардону занони зардуштиро, ёрии Маниши некро, ёрии ҳар он

[1] Ниг.: Тобес Б. Право на здоровье: теория и практика. – М.: Устойчивый мир, 2001. – С. 11-17.

[2] Ниг.: Черных А.Е. Конституционное право граждан на охрану здоровья и проблемы его реализации в РФ. – М., 2012. – С. 17-33.

[3] Ниг.: Бойс, Мэри. Зороастрийцы. Верования и обычаи. – М., 1988. – С. 27; Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби аввал. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. – С. 32; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 17; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – С. 19.

«*» Аирйаман (дар паҳлавӣ Арйоман ва Ирмон) номи изади дӯстӣ ва пайванду оромиш, яке аз изадони бузурги дини маздопарастист. Ӯро нахустин пизишки менуӣ шумурдаанд, ки чораву дармони дардҳо ва нохушиҳо ба дасти ӯ супурда шудааст ва ҳангоме, ки Аҳриман 99999 бемориро ба ҷаҳон овард, ба фармони Аҳура Маздо ба замин омад, то дармони он бемориҳоро биоварад. Маънии «Аирйаман» дӯсту ёвар аст ва дар «Гоҳон» унвонест барои пешвоёни динӣ, аммо дар дигар бахшҳои Авасто ва дар «Бундаҳишн» аз ӯ ба унвони изади дармонбахши дардҳо ёд шудааст.

Динеро, ки дархури музде гаронбаҳост!»[1]. Дар ин ҷо, калимаи «ёрӣ» ба маънои кумак расонидан ва тавон бахшидан истифода шудааст, ки он нисбат ба шахси мариз сурат мегирифт. Дар натиҷаи чунин ёрирасонӣ ҳолати шахси мариз беҳ гардида, тавоноӣ ва зарфияти руҳии ӯ барқарор карда мешуд. Аирайман дар ҳолати беморӣ ва ноумедӣ ба ёрии мардум мешитофт ва бо роҳу василаҳои гуногун онҳоро табобат менамуд. Дар марҳилаи табобатнамоӣ ӯ ба аломатҳои ҷинсӣ, шаҳрвандӣ (аҳолии зардуштӣ ва ғайризардуштӣ), дороӣ ва синну соли бемор аҳаммият намедод. Яъне, вазифаи аввалиндараҷаи ӯ ин тандуруст намудани шахси мариз ба ҳисоб мерафт.

Аз мазмун ва моҳияти фаргарди 22-и Вандидод бармеояд, ки он ба масъалаи наҷот бахшидани мардум аз ҳар гуна беморӣ равона гардида, дар он Аирйаман (Ирмон) ба сифати нахустин пизишк шинохта шудааст ва мардумро аз бемориҳое, ки қувваи бадӣ – Аҳриман офарида буд, наҷот мебахшид. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки ҳанӯз дар ин тамаддун заҳмати пизишк ба инобат гирифта мешуд ва бар ивази тансиҳат намуданаш бар вай инъомҳо (ба мисли гов, шутур, асп ва ғ.) медодаанд[2]. Муқаррароти Авасто башорат аз он медиҳад, ки дар ин давра зиёда аз 99999 намуди беморӣ мавҷуд будааст ва аксарияти онҳо барои мо норавшан мебошанд[3]. Яъне, намуди беморӣ ва тарзи табобати он то имрӯз дар ягон сарчашмаҳои таърихӣ ба назар намерасанд ва маълумоти кофӣ низ дар ин самт ҷой надорад.

Инчунин, дар Авасто Трита ба сифати бавуҷудоварандаи илми тиб муаррифӣ гардидааст, ки бо роҳҳои гуногун мардумро табобат намуда, маргро аз тани онҳо дур мекардааст[4]. Ӯ ҳангоми табобат бештар аз гиёҳҳои гуногун истифода менамудааст, ки шумораи онҳо ба даҳ ҳазор мерасанд (дар Авасто номгӯи сад намуди доруворие оварда шудааст, ки аз гиёҳҳо омода гардидаанд)[5].

---

[1] Ясно // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 136-137.

[2] Вандидод // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 479.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 479-481.

[4] Бертельс Е.А. Отрывки из Авесты // Восток. – М.–Л., 1924. – С. 3-11.

[5] Бабаджанов И.Х., Стеценко С.Г. Медицинское право Республики Таджикистан: учебник для медицинских и юридических вузов. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 117-118.

Аз ҳама муҳим он аст, ки ниёгони тоҷик ҳанӯз дар ибтидои ҷомеаи башарӣ ба масъалаи саломатӣ ва ҳифзи он таваҷҷуҳи хос доштааст ва ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ба маънои томаш дастоварди ҷомеаи муосир набуда, балки моли ҷомеаи гузашта, аниқтараш комёбии ниёгони миллати тоҷик аст.

Дар Авасто се роҳи асосии табобат намудани шахси мариз пешбинӣ мегардад, яъне тавассути сухан, дору ва ҷарроҳӣ[1]. Дар бахши ҳафтум (Б)-и банди 44-уми Вандидод чунин меъёр пешбинӣ гардидааст: «Агар пизишкон чанде бо якдигар ба дармони бемор пардозанд, яке бо корди пизишкӣ, дигаре бо гиёҳи дармонӣ ва он дигаре бо Мантрадармонӣ*, ин севумин аст, ки беҳтар аз ҳама бемориро аз тани бемори ашаван дур мекунад»[2]. Диққатҷалбкунанда он аст, ки тамаддуни зардуштӣ роҳи аз ҳама беҳтарини табобатро аз муомилаи хуби пизишк бо мариз маънидод менамояд ва он то ҳол моҳияти худро аз даст надода, рӯз то рӯз мубрамияти бештарро касб намуда истодааст. Зеро, дар марҳилаи кунунӣ баъзан ба назар мерасад, ки гунае аз табибон бо шахси бемор забони дурушти муомиларо интихоб менамоянд. Чунин тарзи муошират агар аз як тараф ба мариз аз ҷиҳати равонӣ таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар бар зидди меъёрҳои ахлоқ (этика)-и касбии кормандони тиб мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ муқаррар намудаанд.

Маврид ба тазаккур аст, ки зардуштиён на танҳо пас аз беморӣ, балки то маризӣ амалҳоеро анҷом медодаанд, ки баҳри беҳдошти саломатӣ ва пешгирии бемориҳои нав мусоидат менамудаанд. Саломатии инсон аз муҳити зист, маҳсулоти ғизоӣ ва об вобастагии зич дорад, ки тамаддуни зардуштӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар ин қисмат метавон аз бахшҳои алоҳидаи Авасто маълумоти зарурӣ пайдо намуд.

Авасто шахси ба маризӣ ё норасоиҳои танӣ гирифторгардидаро бо номи «касвиш»* муаррифӣ менамояд. Дар фаргарди 2, банди 29-и Вандидод Аҳура Маздо аз касвиш дар

---

[1] Ниг.: Авеста: Избранные гимны / пер. с авестийского и коммент. проф. И.М. Стеблин-Каменского. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 58-60.

«*» Яъне, дармони бемор бо Мантра, ки ба манзалаи гуфтордармонӣ ё равондармонии имрӯза аст.

[2] Вандидод // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 365.

«*» Устод Муқаддам дар гузориши фаргарди дуюми Вандидод (Ҷам., с. 97) ба ҷойи ин ном «Кӯтаҳ [бадан]» оварда ва дар ёддошти худ онро «нуқс ё иллате дар бадан» шумурдааст.

зумраи беморон ё норасотаноне*, ки раво нест ба Вари Ҷамкарт роҳ ёбанд, ёд мекунад[1].

Бояд қайд намуд, ки Авасто дар баробари ба инобат гирифтани саломатии дигар табақаҳои аҳолӣ, ҳамзамон нисбат ба тандурустии кӯдакон ҳамчун қишри эҳтиёҷманди ҷомеа диққати махсус зоҳир намудааст, ки дар ин самт фариштае бо номи Дрвасп ҷой доштааст. Вазифаи асосии ӯ аз нигоҳубин, тарбия ва тансиҳатии кӯдакон иборат буд[2]. А.Ғ. Холиқзода низоми ҳуқуқии зардуштиро мавриди омӯзиш қарор дода, иброз менамояд, ки ҳифзи саломатӣ дар тамаддуни зардуштӣ соҳиби ҷойгоҳи махсус буд. Алалхусус, дар давраи ҳомиладории зан ба ӯ иҷозати исқоти ҳамл намудан дода намешуд. Чунин тадбир ба хотири нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии кӯдаки дар батни модар буда, инчунин бо мақсади ҳифзи саломатии зан сурат мегирифт. Аз ин маълум мегардад, ки тамаддуни зардуштӣ ҳифзи саломатии кӯдакро ҳанӯз аз батни модар ба роҳ монда буд (дар фаргарди 5, сархати 45-и Вандидод қайд мегардад, ки ҷанини дар батни модар пайдошуда аз якмоҳагӣ то даҳмоҳагӣ мавриди ҳифз қарор мегирад)[3].

Дар тамаддуни зардуштӣ хушбахтии инсонро аз тандурустии ӯ баҳо медоданд. Яке аз сарварони дарбори шоҳ Хусрав – Бузургмеҳри Бухтагон ба саволи «мардумонро дар ин гетӣ чӣ шоистатар намояд?» чунин посух медиҳад: «Он ки то тандуруст бувад, орзуи (хеш) бароварда созад ва чун танбемор бувад, дар дурустии тан ва чун тан дар ноумедӣ бувад, дар раҳоиши равон кӯшад»[4]. Яъне, аз ҳама чизи муҳим ва аввалиндараҷа барои зардуштиён саломатӣ ба ҳисоб мерафт, ки хушнудии оянда аз он вобастагии зич дошт. Дар ҳамин замина, Н.И. Бобоева иброз менамояд, ки давлатдории тоҷикон фарогирандаи арзишҳои баланди ахлоқӣ аст ва ин ар-

---

«*» Шахси маъюб.

[1] Вандидод // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 307-312.

[2] Ниг.: Яштҳо // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 219.

[3] Муфассал ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – С. 193-201, 231-235; Халиков А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право). – Душанбе: Сарбоз, 2003. – С. 51-61, 94-98.

[4] Ниг.: Ёдгори Бузургмеҳр // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3: Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ; Қисми 4: Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 136.

зишҳо сабаб гардиданд то тамаддуни чандҳазорсолаи тоҷик ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, сатҳи саломатии аҳолӣ, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва риояи арзишҳои инсонӣ таваҷҷуҳи бештар равона намояд[1].

Тамаддуни зардуштӣ дар баробари он ки масъалаҳои мубрами вобаста ба саломатӣ ва беҳдошти сатҳи саломатии инсонро мавриди назар қарор додааст, ҳамзамон ба ташхис намудани шахси бемор, таҳсили илми пизишкӣ, гузаронидани давраи тахассусии ҷарроҳӣ, муносибати табиб бо мариз, музди меҳнати пизишк ва ғ. диққати махсус зоҳир намудааст, ки инро метавон аз фасли ҳафтуми Вандидод (бандҳои 36-44) мушоҳида намуд.

Дар робита ба ташхиси шахси бемор аз ҷониби табиб диққати махсус зоҳир гардида, аз табиб талаб карда мешуд то бисёр эҳтиёткорона, бодиққат ва мулоҳизакорона маризии шахсро муайян намояд, дар сурати нодуруст нишон додани ташхис эҳтимоли аз даст додани нуфузи кориаш ҷой дошт[2].

У.А. Азиззода ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, қадр ва номуси шахсро дар тамаддуни зардуштӣ мавриди баррасӣ қарор дода, иброз менамояд, ки дар ин марҳила ҷиноятҳои гуногун ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон ҷой доштанд ва дар сурати содир шудани онҳо нисбат ба шахси содиркарда ҷазоҳои мухталиф татбиқ карда мешуд[3]. Муаллиф иброз менамояд, ки ҳадаф аз татбиқи ҷазо, агар аз як тараф ҳимояи ҳаёт ва саломатии шахс ба ҳисоб мерафт, аз тарафи дигар барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои нави расонидани зарар ба ҳаёту саломатии шахс, мусоидат менамуд[4]. Яъне, ин башорат аз он медиҳад, ки тамаддуни зардуштӣ ҳифзи саломатии шахсро на танҳо аз табиб қотеъона талаб менамуд, балки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи шахс ба саломатӣ нисбат ба ашхоси зараррасонида ҷазоҳои гуногунро раво медид. Дар чунин шакл ҳимоя

---

[1] Ниг.: Бобоева Н.И. Такомули арзишҳои ахлоқӣ дар давлатдории тоҷикон // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ: маводи конфронси илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 37-41.

[2] Авеста. Священная книга зороастрийского учения. – Тегеран, 1967. – С. 47.

[3] Ниг.: Азизов У.А. Защита жизни, здоровья, чести и достоинства человека в правовой системе зороастризма // Государствоведение и права человека. (Научно-практический журнал юридического факультета ТНУ). – Душанбе, 2016. – № 3 (03). – С. 52-53.

[4] Муфассал ниг.: Азизов У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – С. 87-95; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 68-79.

намудани ҳуқуқ ба саломатӣ имрӯз низ ҷой дошта, қонунгузории ҷиноятии аксарияти давлатҳои дунё, алалхусус ҶТ дар сурати содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон, нисбат ба шахси содиркарда намудҳои мухталифи ҷазоро пешбинӣ менамоянд*.

Андешае ҷой дорад, ки либоси духтурон – хилъати сафед, кулӯта (чепчик) ва ниқоб (маска) дар замони зардуштиён пайдо шудаанд ва табиб онҳоро ҳангоми муолиҷаи мариз ва дафн кардани ӯ ба бар менамуд то ҳар гуна маризиҳо ва ё бемориҳои гузаранда ба ӯ таъсир нарасонанд[1].

Новобаста аз он ки сарчашмаҳои таърихӣ-хуқуқӣ доир ба ҷой доштани ҳуқуқ ба саломатӣ дар замони давлатдории Ҳахоманишиён ишора наменамоянд, аммо моҳиятан ба назар мерасад, ки ин империяи бузург нисбат ба тамоми аҳолии зардуштӣ ва ғайризардуштӣ* дар самти беҳдошти саломатиашон шароити зарурири фароҳам овардааст.

Яке аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқии замони Ҳахоманишиёнро Эъломияи Куруши Кабир ташкил медиҳад, ки он аз ҷониби асосгузори воқеии ин империя – Куруши Кабир қабул гардида, дар он ҳуқуқҳои бунёдии инсон, ба мисли ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба озодии дину мазҳаб ва тоату ибодат, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба адолати судӣ, манъи ғуломӣ, манъи шиканҷа ва ғ. пешбинӣ гардидаанд. Муҳаққиқи ватанӣ Д.С. Раҳмон иброз менамояд, ки аз ҷониби Куруши Кабир муҳимтарин ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки он арзишҳои асосии демократияи замони муосирро ифода карда, хусусияти умумибашарӣ, ҷаҳонӣ ва ё умумиро нисбат ба тамоми халқу миллатҳо доро буд[2]. Дар ин сарчашма, ҳуқуқ ба саломатӣ ба таври бевосита муқаррар ва кафолат дода нашудааст, аммо моҳиятан ҷой доштани ҳуқуқи мазкурро дар он мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, дар банди дуюми

---

«*» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998 дар боби 16-и худ ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатиро ҷой додааст, ки моддаҳои 110-129-и он марбути ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ мебошанд.

[1] Нуриён А.Р. Формирование и развитие медицинских и фармацевтических знаний в Мавераннахре и Хорасане IX-X вв.: дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2018. – С. 89-91.

«*» Империяи Ҳахоманишиён аз ҷумлаи нахустин империяи бузург дар олам маҳсуб мебад, ки дар он зиёда аз 70 халқу миллат зиндагӣ мекарданд.

[2] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ (дастовард ва мушкилиҳои татбиқи ҳуқуқи инсон дар мизони гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳуқуқии олам): монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 96.

Эъломияи Куруши Кабир пешбинӣ мегардад, ки «…агар касе нотавон буд ва бар ӯ ситаме рафт, ман аз вай дифоъ хоҳам кард ва ҳаққи ӯро гирифта ва баъд пас хоҳам дод ва ситамкоронро ба кайфар хоҳам расонд»[1]. Дар ин ҷо, истилоҳи «нотавон» ба маънои шахси бемор ва барҷомонда омадааст. Агар, касе бо истифода аз ҳолати беморӣ, нотавонӣ ва ё барҷомондагии шахс ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро поймол менамуд, нисбат ба ӯ бевосита худи шоҳ чораандешӣ мекард ва ҳаққи поймолшудаи чунин ашхосро барқарор менамуд. Инчунин, Куруши Кабир дар эъломияи худ расонидани зарар, хароб кардани манзили аҳолӣ ва ситам намудан ба онҳоро иҷозат намедиҳад[2]. Муҳаққиқони ватанӣ меъёри мазкурро чунин маънидод менамоянд: «Дар ин ҷо Куруш ҳамчун қонунгузори одил ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ ва дахлнопазирии манзили халқҳои забтшударо ҳимоя мекунад. Фармони мазкури Куруш ба ҳимояи ҳуқуқҳои фитрии инсон равона гардидааст, ки бе онҳо мавҷудияти фарди озод аз нуқтаи назари иҷтимоӣ комилан ғайриимкон мебошад. Ҳоло чунин ҳуқуқҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ ва конститутсионӣ эълон ва мустаҳкам шудаанд»[3]. Гурӯҳи дигари пажуҳишгарон бар он назаранд, ки олимони юнонӣ пас аз омӯзиши таҷрибаи империяи мазкур рушди илмҳои гуногун, аз ҷумла илми тибро дар кишвари худ ба роҳ мондаанд[4]. Андешаи мазкур то андозае сазовори дастгирӣ мебошад. Зеро, аз рӯи баъзе маълумотҳои таърихӣ, ҳанӯз дувуним ҳазор сол қабл мардуми Юнон бо мардуми Аҷам робитаи маънавии худро ба роҳ монда, дар гулӯгоҳи Босфор пули шиноваре сохта, бори нахуст соҳилҳои ду қитъа – Аврупою Осиёро ба ҳам пайвастаанд[5]. Дар ҳамин замина, А. Турсунов иброз менамояд, ки соли 1473 аввалин маротиба дар Англия «Ал-Қонун»-и Сино бо забони лотинӣ

[1] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 117.

[2] Муфассал ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 117-120; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – С. 118-126.

[3] Холиқзода А.Ғ., Раҳмон Д.С., Шоев Ф.М., Холиқов Н. Аз таърихи ҳуқуқи инсон: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – С. 71.

[4] Ниг.: Бабаджанов И.Х., Стеценко С.Г. Медицинское право Республики Таджикистан: учебник для медицинских и юридических вузов. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 121.

[5] Муфассал ниг.: Турсунов, Акбар. Эҳёи Аҷам // Садои Шарқ. – 1982. – № 1. – С. 56; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 99-100.

тарҷума шуда, дар ташаккули соҳаҳои мухталиф, махсусан илми тиб нақши боризро гузоштааст[1].

Таъсис ёфтани донишгоҳи (академияи) махсус баҳри омода намудани табибон бо номи Гунди Шопур дар замони давлатдории Сосониён таъсири амиқи худро ба соҳаи мазкур гузошт ва шуҳрати беандозаро касб намуда, диққати муҳассилини берунаро ба худ ҷалб намуд. Он нахустин боргоҳи таълимие маҳсуб меёбад, ки дар баробари ба роҳ мондани тадриси назариявӣ, инчунин таълими амалиро роҳандозӣ намуда буд. Барои дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутаххасисон дар заминаи донишгоҳ бунгоҳи тиббии махсус таъсис ёфта буд, ки он бо номи «бемористон» маълум мебошад ва ташкили муассисаҳои тиббӣ низ аз давраи мазкур маншаъ мегиранд[2].

Табиби хуб шахсе маҳсуб меёфт, ки касби худро сидқан дӯст доштаву аз аъзои тани инсон огоҳии комил дошт, тарзи анҷом додани ҷарроҳӣ, аз усули истифодаи доруҳо бохабар буд ва бештар китоб мутолиа менамуд[3]. Аммо табибе, ки мақсади асосиаш ба даст овардани унвон ва вазифа буд, ба сифати пизишки бад (нолоиқ) муаррифӣ мегашт[4].

Аз сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки дар замони давлатдории Сосониён қабул гардидааст, Қонунномаи Сосониён (Мотиконе ҳазор дотестон – Ҳазор амсоли додгоҳӣ) маҳсуб меёбад ва он низ дар асоси низоми ҳуқуқии зардуштӣ таълиф гардидааст. Ин сарчашмаи таърихӣ на танҳо масъалаи саломатии аҳолии муқаррарӣ, балки нафаронеро, ки ба сифати ғулом ба асорат афтода буданд, танзим намуда, дар ин самт чунин меъёр пешбинӣ намудааст: «Молик ҳуқуқ надорад, ки бандаи худро гурусна нигоҳ дорад ё ӯро аз эҳтиёҷоти зарурии зиндагӣ маҳрум созад ва дар сурати чунин амале банда ҳақ дорад фарзандони худро ба фурӯш расонида ва ё аз дигарон ваҷҳи қарз ситонад ва бо он ваҷҳ эҳтиёҷоти зиндагии худро фароҳам созад»[5]. А.Ғ. Холиқзода меъёри

---

[1] Ниг.: Турсунов, Акбар. Эҳёи Аҷам // Садои Шарқ. - 1982. – № 1. – С. 57.

[2] Муфассал ниг.: Рази, Абдулла. Таърихи муфассали Эрон. – Теҳрон, 1339 ҳ. – С. 77; Бабаджанов И.Х., Стеценко С.Г. Медицинское право Республики Таджикистан: учебник для медицинских и юридических вузов. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 121-123; Наҷмободи М. Таърихи тиб дар Эрон пеш аз ислом. – Теҳрон, 1392 ҳ. – С. 146-147; Шукурова Н.А. Правовые аспекты оказания платных медицинских услуг в рамках системы частного здравоохранения Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 20-22.

[3] Ниг.: Соми, Али. Сасанидская цивилизация. – Тегеран, 1342 х. – С. 89-90.

[4] Ниг.: Ибн Сино, Абуали. Канон врачебной науки. Книга I. – Ташкент, 1954. – С. 89-91.

[5] Мухтасари Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 109.

мазкурро шарҳ дода, чунин қайд менамояд: «Аҷиб он аст, ки дар ҳуқуқи бостон ҳаққи зиндагии барда ҳамчун махлуқи зинда ва ҳаққи ҳар шахси ғайриқобили амал ба хӯрок ва зинда мондан аз ҷониби қонун кафолат дода шудааст. Қонун васӣ ва моликро вазифадор кардааст, ки дар ҳама сурат шахсони таҳтулкафоларо нигоҳубини моддӣ ва маънавӣ намоянд. Ҳаққи барда ба хӯрок бо қонун муайян шудааст. Ҳатто дар лаҳзае, ки молик имконият надорад бардаи худро таъмин намояд, қонунгузор ба барда ҳуқуқҳои молумулкӣ пешниҳод менамояд ва иҷоза медиҳад, ки ӯ дар муносибати молумулкӣ ва хариду фурӯш дарояд, моли худро, ҳатто фарзандони худро ба фурӯш барорад. Чунин навъи бардагӣ дар дигар низомҳои ҳуқуқии бостон дида намешавад»[1]. Новобаста аз он ки дар ин қисмат сухан оид ба васӣ ва парастор меравад, аммо ба мушоҳида мерасад, ки масъалаи беҳдошти саломатии тамоми табақаҳои аҳолӣ, махсусан бардагон дар мадди назари давлатдорони давр қарор доштааст.

Маълум мегардад, ки тамаддуни зардуштӣ дар ҳазорсолаҳои қабл аз милод нисбат ба саломатии тамоми табақаҳои аҳолӣ диққати махсус зоҳир намуда, хушбахтии ҳаёти инсонро маҳз аз тансиҳат будани ӯ нишон медиҳад. Ҷиҳати таъмин намудани зиндагии шоиста ва фароҳам овардани роҳҳои гуногуни беҳдошти саломатӣ меъёрҳои заруририро муқаррар карда, баҳри табобат намудани маризон ба омода намудани табибони соҳибтаҷриба таваҷҷуҳ зоҳир намуда, оид ба муносибати онҳо бо шахси бемор аҳаммияти махсус зоҳир менамуд. Ин тамаддун дар таърихи башар аввалин маротиба илми тиброе дар шакли назарӣ ва амалӣ ҷорӣ намуда, бемористонҳои нахустинро бунёд кард ва усулҳои гуногуни табобатро ба роҳ монд.

[1] Дар нигоҳдорӣ ва сарпарастии атфол ва нафақаи таҳтулкафола (хуршану вадоршани касони хеш – нигоҳдории наздикони худ) // Мухтасари Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 109.

# МАҲДУД КАРДАНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД БАҲРИ ТАЪМИН НАМУДАНИ СИҲАТИИ АҲОЛӢ

**Исозода Парвиз Асадулло,**
муовини сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Аз замоне ки инсоният тафаккури волои инсондӯстиро соҳиб шуда, ба муносибатҳои васеи ҷамъиятӣ ворид гардид, зарурати танзим ва муқаррар намудани ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ба вуҷуд омад. Таърих башорат аз он медиҳад, ки ҳар як халқу миллат бо роҳу василаҳои гуногун воридшавии инсонро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим намуда, ба ӯ имконияти амалӣ намудани ҳадафҳои худро дар доираи арзишҳои инсонӣ фароҳам овардаанд. Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳо, махсусан инкишоф ёфтани ҳамкориҳои байналмилалӣ бидуни муқаррар ва кафолат додани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд имконияти расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои олии инсонӣ ғайриимкон хоҳад буд. Маҳз бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр ҷомеаи байналмилалӣ ҳуқуқҳои инсонро тавассути санадҳои мухталиф пешбинӣ ва кафолат дода, ҳаммисл эътирофу татбиқнамоии онҳоро барои давлатҳои аъзо муҳим ва ҳатмӣ шуморидааст.

Унсури дигари низоми механизми татбиқи чораҳои маҳдудкуниро муайян кардани асосҳо ва ҳадафҳои маҳдудкунӣ ташкил медиҳад. Ин унсурҳо ба сифати низоми мукаммале баромад менамоянд, ки фаъолияти як давлати мушаххасро ба муқаррар намудани чораҳои маҳдудкунанда дар робита бо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон амиқ месозанд. Дар ин масъала бояд ба он диққат дод, ки ташаккул додани стандартҳо барои ҳамаи давлатҳо амалан ғайриимкон аст, то заминаҳо ва ҳадафҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро муқаррар кунанд, гарчанде ки ин гуна кӯшишҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ сурат гирифтаанд. Ин аз он сабаб ғайриимкон аст, ки давлатҳои гуногун метавонанд аз рӯи хусусиятҳои динӣ, фарҳангӣ, қавмӣ, таърихӣ ва миллии худ нисбат ба муносибатҳои муайян дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба таври мухолиф муносибат намоянд. Ба ин махсусият олимони ватанӣ ва рус диққати махсус зоҳир намудаанд. Ҳамин тавр, А.М. Диноршоев масъалаи муайян кардани стандартҳои байналмилалиро аз нуқтаи назари арзишҳои ҳуқуқи инсон баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки «сарфи назар

кардани арзишҳои фарҳангии мардум ва ҷамоаҳои муайян, маросим ва урфу одатҳои онҳо низ қобили қабул нест. Вақте ба сифати онҳо ҳуқуқҳои фитрии умумиэътирофшуда, ба мисли ҳаёт, шаъну шараф, баробарӣ, адолат эътироф карда мешаванд, чунин амал набояд масъалаҳои гуногунро ба миён оварад. Аммо, агар ғояҳои барои ҷомеаи муайян бегона ҳамчун арзиш ҷой карда шуда бошанд, пас ҷаро онҳо бояд ҳамчун универсалӣ шинохта шаванд»[1]. Ин андешаро А.Ғ. Холиқзода такмил дода, иброз менамояд, ки «ҳодисаҳое, ки дар ҷаҳони муосир рух медиҳанд, ҳамчун унсурҳои мусбати фаъолияти давлат муаррифӣ мешаванд, аммо дар асл омилҳои манфӣ мебошанд, ки ба фаъолияти мӯътадили давлатҳои миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд»[2]. Андешаи ҷолиб дар ин самт ақидаи Д.С. Раҳмон аст, зеро ӯ иброз менамояд, ки «яке аз хусусиятҳои ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир дар он аст, ки онҳо дар шароити зиддиятҳо инкишоф меёбанд. Аз ҷумла, чунин ихтилофот ҷаҳонишавии тамоми равандҳои рушди иҷтимоӣ ва кӯшишҳои ҷомеаҳои анъанавӣ бобати ҳифзи хусусиятҳои фардии худ ва муносибати махсуси худ ба ҳуқуқи инсон мебошанд, ки тӯли таърих ба анъанаи онҳо табдил ёфтааст. Ба ин равандҳо ҳаракат ба минтақагароӣ ва маҳаллисозии ҳуқуқҳо пайваст шуда истодааст, ки кӯшиши халқиятҳоро на танҳо барои нигоҳ доштани мустақилияти миллӣ ва фарҳангӣ, балки ҳамчунин одаткунонӣ ва мувофиққунонии анъанаҳои муқаррариро ба меъёрҳои нав инъикос менамояд. Ҷараёнҳои тамаддунӣ фарогиршавии ҳуқуқи инсонро зери шубҳа мегузоранд»[3].

Аз ин рӯ, дар ин масъала, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бандеро дар бораи имконияти аз уҳдадориҳои худ саркашӣ кардани давлатҳо, вале бо риояи баъзе талабот пешбинӣ мекунанд. Ба ибораи дигар, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки шакли умумии меъёрии асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳоро муайян менамоянд, барои ҳар як давлат дар асоси шароити мушаххас имконият медиҳанд, ки маҳдудиятҳои муайянро асоснок кунанд. Аммо барои бартараф кардани тафовутҳо дар маънидодкунии муқаррароти маҳдудиятҳо Принсипҳои Сиракуса оид ба тафсири маҳдудиятҳо ва

[1] Муфассал ниг.: Сафарзода Б.А., Диноршоев А.М., Рахмон Д.С. Размышления о концепциях прав и свобод человека. – Душанбе, 2016. – 156 с.

[2] Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана. – Душанбе, 2019. – С.128-129.

[3] Рахмон Д.С., Тохирова Н.А. Ценностные ориентиры прав человека в рамках универсальной концепции прав человека - единство или борьба противоположностей / Д.С. Рахмон, Н.А. Тохирова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2018. – Т. 1. – № 3 (63). – С. 10-16.

дасткашӣ аз муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ қабул карда шудааст. Ин ҳуҷҷат барои бартараф кардани хатоиҳо, номуайянӣ, нофаҳмӣ дар тафсир ва истифодаи намудҳои гуногуни маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон истифода бурда мешавад.

А.В. Ашихмина масъалаи асосҳо ва ҳадафҳои маҳдудиятҳоро омӯхта, диққати асосиро ба ду ҷанба – ҷанбаи меъёрӣ ва воқеӣ равона менамояд. Тибқи ҷанбаи меъёрӣ, вай муттаҳидсозии асосҳои маҳдудиятҳои ҳуқуқиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти дохилидавлатӣ, байналмилалӣ ва минтақавӣ мефаҳмад. Ҷанбаи воқеӣ бошад, далелҳои тасдиқкунандаи мавҷудияти таҳдиди воқеӣ ба амнияти давлат, тамомияти арзии он, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, ҳаёти миллат; саломатии аҳолӣ; ахлоқи аҳолӣ; вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахси дигар ва ғайраро дар бар мегирад[1].

Дар ҳақиқат, вақте ки сухан дар бораи муайян кардани заминаи маҳдудиятҳо меравад, мавҷудияти ду омил зарур аст – ин муайян кардани онҳо дар фазои ҳуқуқӣ, яъне мавҷуд будани «де-юре» ва рух додани ин ҳодиса, яъне ба вуҷуд омадани ҳодиса дар шакли «де-факто». Ба ибораи дигар, давлат наметавонад маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро ҷорӣ намояд, агар он дар санади ҳуқуқӣ сабт нагардида бошад (масалан, дар Конститутсияи кишвар ё шартномаи байналмилалӣ) ва агар он дар асл ба вуҷуд наояд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, чун қоида, асосҳои монандро барои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон пешбинӣ менамоянд. Таҳлили онҳо имкон медиҳад то асосҳои зеринро ҷудо намоем: таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии давлат. Инчунин, бештари олимон асосҳоро вобаста ба манфиатҳои бо Конститутсия муҳофизатшаванда ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд, яъне ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои шахсӣ (ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд) ва ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ (манфиатҳои тамоми ҷомеа ва давлат, яъне ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, асосҳои низоми демо-

---

[1] Ашихмина А.В. Конституционно-правовой механизм ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2009. – С. 73.

кратӣ, ахлоқ (ахлоқи ҷомеа), солимии ҷомеа, мудофиа ва амният, тартиботи ҷамъиятӣ)[1].

Сиҳатии аҳолӣ, ки ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоии инсон дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ эътироф гардидааст, моҳият ва кафолати худро аз санадҳои сатҳи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ гирифта, бо тарзу усулҳои гуногун тавзеҳ ёфтааст. Аммо, то кадом андоза ҳуқуқи мазкур кафолат дода шудааст ва оё муқаррароти меъёрии санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ имконияти пурра дар амал татбиқ намуданашон ҷой дорад ё на, тарафи дигари масъала мебошад.

Масъалаи ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ на танҳо дар давлатҳои алоҳида, балки дар сатҳи байналмилалӣ мубрамияти бештарро соҳиб гардида, зарурати боз ҳам бештар ва фаҳмотар матраҳ намудани моҳияти он ба вуҷуд омадааст. Мубрамияти амалигардии ин ҳуқуқ боис ба он гашт, ки соли 2002 Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон вазифаи нав – маърузачии махсусро ҷиҳати назорати амалигардонии ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ аз ҷониби давлатҳои узв таъсис дод. Аммо, саволе ба миён меояд, ки аз кай ва барои чӣ ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дар сатҳи байналмилалӣ аҳаммият ва мубрамияти бештарро пайдо намуд. Ин гуна масъалагузорӣ намудан ҳеҷ гоҳ маънои онро ифода намесозад, ки ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ то замони эътироф шуданаш дар сатҳи ҷаҳонӣ аҳаммияте барои давлатҳои алоҳида надошт, балки шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷомеаи байналмилалӣ дар ҳоли ғафлат ва бидуни дарки зарурати эътирофи ин ҳуқуқ дар баробари ҳуқуқ ба ҳаёт қарор дошт ва танҳо оғози муборизаҳои сатҳи ҷаҳонӣ (ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон) боиси он гашт, ки онҳо аз хоби ғафлат берун оянд ва дарк намоянд, ки бидуни кафолат додани ҳуқуқи мазкур расидан ба ҳадафҳои стратегии сатҳи байналмилалӣ ва таъмин намудани сулҳи саросарӣ ғайриимкон аст[2].

Ҳифзи (ҳимояи) солимии ҷомеа ва саломатии дигарон яке аз мақсадҳоест, ки барои он метавон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро маҳдуд намуд. Мушкилоти мазкурро айни замон дар шароити паҳншавии саросарвабои хорзаҳр (коронавирус) дар миқёси олам ба таври амиқ мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳифз ва ҳимояи

[1] Бондарь Н.С. Выступление на «круглом столе» Принципы, пределы, основания ограничения прав и свобод человека по российскому законодательству и международному праву // Государство и право. – 1998. – № 8. – С. 39.

[2] Муфассал ниг.: Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Сафарзода Некрӯз Файзӣ. – Душанбе, 2022. – 177 с.

саломатӣ ҳамчун неъмати бебаҳои инсон на танҳо вазифаи асосии шахс, балки вазифаи муҳимми давлат аст. Дар баробари ин, давлат ва ҷомеа набояд танҳо ба беҳбудии саломатии фарди алоҳида, балки тамоми аҳолӣ диққати махсуси худро сафарбар намоянд. Ҳамин тариқ, дар ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, андозаи озодии мутақобила ва масъулияти тарафайни давлат ва шахс, ҳамоҳангсозии манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ ба таври возеҳ мушоҳида карда мешавад[1].

Санадҳои байналмилалӣ эътироф менамоянд, ки «солимии ҷомеа» мутавонад заминаи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад, то давлат тавонад «вобаста ба таҳдиди ҷиддӣ ба саломатии аҳолӣ ё нафари алоҳида» чора андешад. Ин чораҳо бояд барои пешгирии беморӣ, зарар ё таъмини нигоҳубини беморон ва ҷабрдидагон мусоидат намоянд (моддаи 25 Принсипҳои Сиракуса). Санадҳои байналмилалӣ ҳифзи саломатиро ҳамчун мақсади маҳдуд кардани доираи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон нишон додаанд.

Ҳамин тариқ, бо ин мақсад метавон як зумра ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, ба мисли ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист, озодии виҷдон ва эътиқод, озодии сухан, ки дар худ ҳуқуқ ба ақида, ҷустуҷӯ, ҷамъ овардан ва паҳн намудани иттилоотро ҷой додааст, ҳуқуқи эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, мукотибаро маҳдуд намуд.

[1]Научно-практический комментарий к Конституции Российской Федерации [Захираи электронӣ] / Под ред. проф. В.В. Лазарева. – М.: ООО «Новая прав. культура. – 2009. – Реҷаи дастрасӣ: http://constitution.garant.ru/science-work/comment/5366634/chapter/2/#2000 (дата обращения 15.12.2015 г.).

# АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛ ВА ТАНЗИМИ МУШАХХАСИ ОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ВА МАНЗИЛ

**Ҷураев Азимҷон Шокирҷонович,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 931800060
**E-mail:** azimjon_95@bk.ru

Манзил дар ҳар давру замон яке аз арзишҳои моддии инсоният маҳсуб мешавад, ки он бевосита ба ҳаёту зиндагии ҳар шахс алоқаманд буда, маҳз сатҳи зиндагии шаҳрвандонро муайян мекунад. Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии мадании шаҳрванд маҳсуб мегардад, ки ба дорандаи он имконият дода мешавад, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ соҳиби манзил бошад ва дар доираи қонунгузории амалкунанда аз манзил истифода намуда, онро ихтиёрдорӣ намояд. Дар ҷаҳони муосир ҳуқуқ ба манзил яке аз ососитарин ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодии инсон ба шумор меравад, чунки мавҷудияти манзил ба ҳаёти инсон алоқаи ногусастанӣ дошта, тамоми фаъолияти инсон аз лаҳзаи таваллуд то тамоми ҳаёти ӯ ба манзил тавъам аст.

Манзили истиқоматӣ дар баробари хӯрок ва анҷому асбоби рӯзгор яке аз шароитҳои асосии моддии зиндагонии инсон ба ҳисоб меравад. Ба воситаи истифодаи манзил инсон талаботҳои дахлнопазирии шахсӣ ва оилавии худро қонеъ карда метавонад. Талабот ба манзил аз лаҳзаи таваллуди инсон ба вуҷуд омада, дар тамоми умр нигоҳ дошта мешавад, яъне характери доимӣ дорад. Барои амалӣ шудани унсурҳои асосии рушди инсон: тандурустӣ, таҳсил, озодиҳои шахсӣ ва камолоти касбӣ доштани манзили истиқоматӣ мусоидат мекунад[1].

Ҳалли проблемаҳои замона чун беҳтар намудани вазъи демографӣ, ҳимояи падидаи оила, модару кӯдак, ҳамзамон дар маҷмӯъ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ дар ҳолати баамалбарории самараноки ҳуқуқи инсон ба манзил имконпазир мебошад.

[1] Ниг.: Қурбоналиев Н.Ш. Ҳуқуқи манзил: Воситаи таълимӣ // Зери таҳрири д.и.ҳ. профессор, Ғаюров Ш.К. – Душанбе, 2015. – С. 7.

Тасдиқи гуфтаҳои болозикр дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқ ба манзил ҳам дар санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳам дар қонунгузории миллӣ кафолат дода шудааст.

Дар навбати аввал дар моддаи 25-и Эъломияти умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқ ба манзил ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқ муаррифӣ гардида, барои сиҳатию некуаҳволии инсон ва оилааш ҳамчун унсури зарурӣ ифода ёфтааст[1].

Ҳамзамон, дар моддаи 11-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муайян гардидааст: “Давлатҳои иштирокчии ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар шахсро ба сатҳи кофии зиндагӣ барои худи ӯ ва оилаи ӯ, ки хӯроки кофӣ, либос ва манзилро дарбар мегирад ва ҳуқуқ ба беҳбудии мунтазами шароити зистро эътироф мекунанд”[2].

Мувофиқи моддаи 36-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Дар қонуни асоси кишвар истилоҳи “ҳар кас” истифода гардидааст, ки ин далолат бар он мекунад, ки ҳама шахсони воқеӣ дар ҷумҳурӣ дорои ҳуқуқ ба манзил мебошанд.

Ифодаи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба манзил, яъне ҳуқуқ ба манзиле мебошад, ки аллакай ӯ соҳибмулки манзил аст. Ҳуқуқ ба манзил ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи таббии инсон маҳсуб шуда, давлат барои баамалбарорӣ ва ҳимояи ин ҳуқуқ чораҳои дахлдори ҳуқуқӣ муқаррар менамояд, вале уҳдадор нест, ки шаҳрвандонро ба манзил таъмин намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммонанди аксари давлатҳо вазифадор аст, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзили шаҳрвандон чораҳои дахлдорро иҷро намояд. Мувофиқи қонунгузории кишвар ба ягон субъект иҷоза дода намешавад, ки худсарона шахсро аз манзил маҳрум намояд, вале дар ҳолатҳои истисноӣ ҳатто агар соҳибмулки манзил бошад ҳам тибқи қонунгузорӣ барои эҳтиёҷоти давлат (масалан, милликунонӣ) бо дарназардошти риояи ҳаққу ҳуқуқи шахс иҷозат дода мешавад. Ҳамзамон дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун молу мулки моликро мутобиқи қарори суд ҳамчун чораи ҷазо барои содир намудани гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ мусодира кардан мумкин аст (мусодира).

Яке аз асосҳои муҳим дар амалишавии ҳуқуқ ба манзил ин принсипи конститутсионии дахлнопазирии манзил ба шумор мервад.

[1] Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Муҳаррири масъул: З. Ализода. – Душанбе, 2016. – С. 10.

[2] Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Муҳаррири масъул: З. Ализода. – Душанбе, 2016. – С.17.

Дахлнопазирии манзил ҳамчун ҳуқуқи асосӣ ва ҷудонашавандаи инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, ҳаёти шахсии инсонро бидуни кафолати дахлнопазирии манзил тасаввур намудан ғайриимкон аст. Муҳиммияти ин принсипро ба назар гирифта, бевосита дар моддаи 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори дигар ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дохил карда шуда, аз тарафи давлат кафолат дода шудааст. Бо ҳамин назардошт, дар моддаи болозикр, манзили шахс дахлнопазир эътироф карда шуда, «ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст»,[1] зикр карда шудааст.

Мувофиқи сархати аввали моддаи зикршуда «манзили шахс дахлнопазир аст». Умри инсон асосан дар манзили истиқоматиаш мегузарад. Ҳаёти шахсӣ мафҳуми хеле васеъ буда, аз ҷабҳаҳои гуногун иборат аст. Аз ин сабаб манзили шахс ва ҳаёти шахсии ӯ дахлнопазир мебошад. Мутобиқи муқаррароти Паймони байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) – дахлнопазирии манзил дар қатори дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ гузошта шудааст.

Мувофиқи муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) дахлопазирии манзил дар қатори дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ меистад, ки ин ҳуқуқҳоро бевосита санадҳои байналмилалӣ ба инсон пешниҳод намудаанд. Ин принсип кафолати ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро ба манзил муқаррар намуда, барои таъмини мӯътадили аз тарафи соҳибмулк баамалбарории ҳуқуқи истифодабарӣ, бе вайрон намудани ҳуқуқи мазкур нигаронида шудааст. Принсипи мазкур маънои онро дорад, ки ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан мумкин нест, ба истисноии он ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Мувофиқи эзоҳи моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми манзил хонаи истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад[2].

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо забони тоҷикӣ ва русӣ ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 15.

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. эзоҳи моддаи 147, саҳ 72.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар банди 1-и моддаи 8-и Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон эълон шудааст, ки дар он гуфта мешавад: “Ҳар кас ҳақ дорад, ки манзили ӯро эҳтиром кунанд”.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба манзил дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад. Ҳама гуна амал (беамалӣ), ки барои амалишавии ҳуқуқ ба манзил монеъ мегардад, манъ аст. Шаҳрвандон ҳуқуқҳои манзилии ба онҳо тааллуқдоштаро ихтиёран амалӣ менамоянд. Шаҳрвандон дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ба манзил тибқи шартнома ва асосҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон озод мебошанд. Шаҳрвандон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзил ва иҷрои уҳдадориҳое, ки аз муносибатҳо оид ба манзил бармеоянд, набояд ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигарро вайрон кунанд. Давлат барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзил тавассути сохтмони манзил, мусоидат ба рушди бозори манзил, бо тартиби муқарраршуда ба шаҳрвандон додани манзили истиқоматӣ бо шартномаҳои кирояи иҷтимоӣ, кироями манзили истиқоматии махсусгардонидашуда аз фонди манзили давлатӣ ё коммуналӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии моликон ва дигар истифодабарандагони манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва назорат ба риояи қонунгузорӣ оид ба сохтмони манзил шароит фароҳам меорад.

Дар робита ба истилоҳи конститутсионии манзил ва истилоҳҳои манзили истиқоматӣ, хонаи истиқоматӣ ва ғ. ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, дар илми ҳуқуқ андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад.

Истилоҳи “манзил” аз истилоҳи “манзили истиқоматӣ” васеъ аст. Манзил дар баробари манзили истиқоматӣ, ки барои истиқомати доимии шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст, ҳамзамон таҳхона, боми хона, ҳуҷраҳо дар меҳмонхона, шифохона, ҳамзамон манзилҳои хизматӣ ва ғ.-ро дар бар мегирад.

Дар ҳақиқат истилоҳи “манзил” бо истилоҳи “манзили истиқоматӣ” шабоҳат дорад, вале хусусияти муҳими манзили истиқоматӣ дар он ифода меёбад, ки махсус барои истиқомати доимии инсонҳо пешбинӣ шудаанд.

Дар умум истилоҳи “манзил” ва “манзили истиқоматӣ” мафҳумҳои шабеҳ ва умумӣ мебошанд, ки дар бисёр ҳолатҳо дар қонунгузории маданӣ ва манзил ифода меёбанд. Дар қонунгузории маданӣ ва қонунгузории манзил бештар мафҳуми “манзили истиқоматӣ” мавриди истифода қарор мегирад. Манзили истиқоматӣ

ба зумраи объектҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи манзил дохил мешавад.

И.Л. Корнеева қайд мекунад, ки мафҳуми “манзили истиқоматӣ” ба се маъно истифода мегардад: ҳамчун мафҳуми умумӣ, ки ҳама намуди манзили истиқоматиро дарбар мегирад (квартираҳо, ҳуҷраҳо, хонаи истиқоматӣ); ҳамчун қисми хонаи истиқоматӣ (квартираҳо, ҳуҷра дар квартира); ҳамчун категорияи илмӣ (дар баробари хонаи истиқоматӣ)[1].

Дар китоби “Ҳуқуқи манзил” зери таҳрири И.А. Еремичевой, П.В. Алексия қайд мешавад: “Манзили истиқоматӣ – ин биное мебошад, ки барои истиқомати доимии инсонҳо мувофиқ аст”[2].

Литовкин В.Н. бар он назар аст, ки “хонаи истиқоматӣ, манзили истиқоматӣ, манзил – ҳамаи онҳоро мафҳуми ягонаи “манзил” ба ҳам муттаҳид мегардонад. Бояд ҳамаи онҳо вазифаи истиқомати доимӣ ҷавобгӯ бошанд”[3].

П.И. Седугин қайд менамояд “одатан истилоҳи манзил маънои иншоот ё бинои махсусеро дорад, ки махсус барои истиқомати одамон пешбинӣ гардидааст: хонаи истиқоматӣ, квартира, ҳуҷра, дигар манзили истиқоматӣ, якҷоя бо майдони дахлдори ёрирасон (ошхона, долон, ҳаммом, даҳлез ва ғ.)[4].

Мутахассисон мафҳуми манзилро ба ду маъно шарҳ додаанд, ба маънои васеъ ва ба маънои маҳдуд.

Ба маънои васеаш манзил ин хонаест, ки шахс ё гурӯҳи шахсон доимӣ ё муваққатан дар он зиндагӣ мекунанд – хонаи алоҳида, ҳуҷра (квартира), меҳмонхона, хобгоҳ, манзили истироҳатӣ (бӯстонсарой), хонаи боғӣ, палаткаи сайёҳӣ, хаймаи лӯлиён, қароргоҳ ва ғайра[5].

Ба маънои маҳдуд ба сифати манзил – манзили истиқоматие эътироф мешавад, ки ба талаботҳои меъёрҳои техникӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ буда, эҳтиёҷоти шаҳрвандро барои дар он зиндагонӣ намудан қонеъ мегардонад. Маънои маҳдуди ин мафҳум дар мавриди додани манзили истиқоматӣ ё аз манзил кӯчонидан истифода мешавад, ки ба мақсад мувофиқ аст. Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи

---

[1] Корнеева И.Л. Жилищное право РФ. Учебник для магистров. – М.: Юрайт, 2015. – С. 47

[2] Еремичева И.А., Алексия П.В. Жилищное право. – М.: Юнити, 2009. – С. 13.

[3] Литовкин В.Н. Жилищное законодательство. – М.: Профиздат, 1988. – С. 5-6.

[4] Седугин П.И. Жилищное право: Учебник для вузов. – М.:НОРМА ИНФРА, 1998. – С. 16.

[5] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 96.

инсон ба хонаҳои номбурда бе иҷозат даромаданро ҳамчун вайрон кардани ҳуқуқ ба дахлнопазирии инсон арзёбӣ намудааст.

Мафҳуми “манзили истиқоматӣ” аз истилоҳи “манзил” сарчашма гирифта, натанҳо дар қонунгузории дохилӣ, балки дар ҳуқуқи байналмилалӣ низ ба таври васеъ истифода шудааст. Истилоҳи манзил натанҳо дар қонунгузории маданӣ ва қонунгузории манзил, балки дар қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ низ мустаҳкамии худро ёфтааст.

Дар асоси қонунгузорӣ манзили истиқоматӣ ҳамчун молумулки ғайриманқул бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Бинои истиқоматии ҷудогона метавонад аз бинои ёрирасон, баромадгоҳ (даҳлез, даромадгоҳ ва ғайраҳо) иборат бошад, фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи моликиятӣ ба хонаи истиқоматӣ, ки шаҳрванд барои худ, оила, фарзандони имрӯзаю ояндааш ба даст медарорад, яке аз сабабҳои хотирҷамъии ҳаёти ӯ мебошад. Ҳуқуқи моликиро ба хонаи истиқоматӣ, ки соҳибмулк дорад, шахси дигар дар асоси шартномаҳои хариду фурӯш, иваз, ҳадя ё дигар аҳдҳо аз дасти молик бо роҳи қонунӣ бароварда ба дасти дигарон дода метавонад[1].

Манзили истиқоматие, ки барои зиндагӣ пешбинӣ шудааст, метавонад дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ, ҳолатҳои форс-мажорӣ, ҳолатҳои фавқулодда ё таҳти таъсири ҳама ҳолатҳои дигар, ки барои истиқомат номувофиқ гардидааст, функсияи худро гум мекунад.

Қобили зикр аст, ки баъди қабули Кодекси нави манзил дар ҶТ бевосита дар моддаи 4 мафҳуми манзили истиқоматӣ ба таври зайл муқаррар гардидааст: “Манзили истиқоматӣ – молу мулки ғайриманқул дар намуди хонаи истиқоматӣ ё хона дар бинои бисёрхонагӣ, ки барои истиқомати доимии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст ва ба қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ, техникӣ, экологӣ, меъморию шаҳрсозӣ, зидди сӯхтор ва ба талаботи дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад”.

Ба ҳамин тариқ, бинои барои истиқомат мувофиқ ҷавҳари асосии манзилро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки манзилро танҳо дар сурате истиқоматӣ ҳисобидан мумкин аст, ки агар он ба талаботи муқаррарнамудаи санитарию техникӣ ҷавобгӯй бошад. Ҳамзамон маълум аст, ки риояи талаботи мазкур имконияти зиндагиро ҳам дар тобистон ва ҳам дар зимистон фароҳам меорад. Аз ин гуфтаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки биноҳо воқеан

---

[1] Ниг.: Усмонов О.У. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба манзил ва ҳифзи он. – Душанбе: Ирфон, 2005. – С.3.

истиқоматианд, агар онҳо барои истиқомати доимӣ мувофиқ бошанд. Дар айни замон таъиноти функсионалии бино ба тафриқаи манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ таъсир намерасонад. Ба тариқи дигар, ба далели ҷойи истиқоматӣ ба мисоли боғи истироҳатӣ, хонаи берун аз шаҳрӣ (дача), меҳмонхона, хобгоҳ, ки функсияи истиқомати муваққатиро доранд, воқеан барои зиндагӣ кардан созгоранд. Дар бораи сатҳи бароҳатии ҳуҷра дар меҳмонхонаи панҷситорадор ё хонаи корпоративии беруназшаҳрӣ сухан рондан душвор аст.

Ҳамин тариқ, на ҳар молумулки ғайриманқул манзил аст, балки ҳамоне манзил маҳсуб меёбад, ки дар қонун пешбинӣ гардида бошад. Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, он бояд ба таври васеъ шарҳ дода шавад ва барои истиқомати доимии одамон мусоид ва пешбинӣ шуда бошад.

Бояд қайд намуд, ки манзили истиқоматӣ яке аз объектҳои паҳншудаи молу мулки ғайриманқул мебошад, ки дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ қарор дорад ва танзими ҳуқуқии хариду фурӯш, мубодила, иҷора ва ғ. он муҳим арзёбӣ мешавад. Яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи манзил ба хусусиятҳо ва унсурҳо ва проблемаҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ робита дорад.

Шартномаи хариду фурӯши бинои истиқоматӣ дар низоми намудҳои шартномаи хариду фурӯш чандон маъмул нест, вале аз рӯи аҳамияти иҷтимоӣ яке аз шартномаҳои асосӣ дар ин низом ба шумор меравад, барои он ки тариқи шартномаи мазкур яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии шахс – ҳуқуқ ба манзил, ки дар Конститутсияи ҶТ кафолат дода шудааст, амалӣ мегардад.

# АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Собиров Миралӣ Шералиевич,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

Дар замони муосир ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷавҳарии асосии давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳанд, ки эътироф, риоя ва ҳифзи он салоҳияти аввалиндараҷаи давлатҳо ба ҳисоб меравад. Моҳияти дилхоҳ санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар ин гуна давлатҳо қабул карда мешаванд, ба принсипи инсондӯстӣ асос меёбад, ки ин ҳолатро дар қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ низ ба хубӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Далели ин гуфтаҳо ҷой доштани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба ҳисоб меравад. Эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ягона принсипе ба ҳисоб меравад, ки бевосита мақсади асосиаш ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дастгиркунии ғайриқонунӣ ва маҳкумкунии беасос мебошад. Дар заминаи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ маънидод гардида, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Имрӯз ҳар давлате, ки худро соҳибистиқлолу соҳибихтиёр эълон намудааст, баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд ҳама чораҳои заруриро андешад ва Тоҷикистон низ дар ин масъала бетараф нест. Яке аз роҳҳои асосии амалигардонии ҳуқуқи инсон дар ҶТ меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Дар кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ принсипҳои зиёд оварда шудааст, ки яке аз онҳо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ принсипҳои зиёдеро муқаррар намудааст, вале принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мақому манзалати махсусро доро мебошад. Аз ин рӯ принсипи мазкур дар бисёре аз санадҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст.

Дар Конститутсияи ҶТ эҳтимолияти бегуноҳӣ дар боби дуюми он "ҳуқуқ озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд"

пешбинӣ гардида, мақсаду моҳияти он баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст. Мутобиқи моддаи 20-и Конститутсия «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад»[1]. Принсипи мазкурро ба назар гирифта шахсони пешбарандаи таъқиботи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш, таҳкиқбаранда бояд ҳамаҷониба, холисона ва пурра ҳолатҳои корро омӯзанд. Зеро ҳангоми ба эътибор нагирифтани принсипи мазкур ҳаёти инсон зери хатар монда, эҳтимоли аз озодӣ маҳрум гардидани шахс ба миён меояд.[2] Эҳтимолияти бегуноҳӣ мавқеи шахсро аз лаҳзаи дастгир шудан то замони баромадани ҳукм аз ҷониби суд ҳамчун бегуноҳ нигоҳ медорад. Вале бояд зикр намуд, ки пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм низ шахс метавонад бегуноҳии худро тавассути механизмҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон исбот намояд. Имрӯзҳо ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад, ки бештар бо 2 роҳ ба амал бароварда мешавад. 1. Таҳия ва қабул намудани санадҳои умумӣ ва махсус оид ба таҳким ва мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон. 2. Аз ҷониби давлатҳо таъсис додани механизми махсус оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд[3].

Имрӯз ҳар давлате, ки роҳ ба сӯи давлати соҳибихтиёру мустақил ва демокративу ҳуқуқбунёдро касб намудааст таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар мадди аввал мегузорад ва кафили ҳуқуқу озодиҳояш ҳамчун арзиши олӣ ба ҳисоб меравад[4]. Боиси таассур аст, ки то ҳанӯз давлатҳое вуҷуд доранд, ки амали принсипи мазкурро иҷозат намедиҳанд ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тавассути қонунгузорӣ пешбинӣ накарда, онро барои шаҳрвандони худ раво намебинанд, ки боиси нигаронист. Дар ин гуна давлатҳо ҳар шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят дастгир мегардад, алакай гунаҳгор ҳисобида мешавад ва кафолати озодии шахсро давлат муқаррар

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[2] Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш. Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №1(13). Душанбе, 2019. – С. 130-139.

[3] Абдрашитов В.М. Презумпция невиновности и актуальные проблемы защиты прав человека // Вестник ВолГУ. Серия 9. Вып.6. 2007;

[4] Саъдизода Дж. Культура прав человека как государственная гарантия обеспечения прав и свобод человека// Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. Часть 2 №3/7 (124). Душанбе: Сино, 2013.

наменамояд, ки ба андешаи мо чунин нуқтаи назар қобили қабул набуда, пурра ғалат аст. Чунки дастгир намудани шахс ҳанӯз гунаҳгор будани ӯро нишон намедиҳад. Ягона мақомоте, ки шахсро гунаҳгор эълон менамояд ин мақомоти суд аст.

Чуноне ёдовар гардидем принсипи мазкурро Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ низ ҳамаҷониба муқаррар намудааст ва яке аз бандҳои он ин аст, ки айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд, вале ин маънои онро надорад, ки айбдоршаванда ва судшаванда барои бегуноҳии худро исбот намудан аз ҳуқуқи иштирок дар ҷараёни исботкунӣ маҳрум мебошад. Шахсони зикргардида дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ метавонанд ҳама роҳу воситаҳое, ки қонун иҷозат додааст истифода бурда, бегуноҳии худро исбот намоянд. Мутобиқи принсипи мазкур аз ҷониби муфаттиш эълон намудани айб ва аз ҷониби прокурор тасдиқ гардидани фикри айбдоркунӣ низ ҳанӯз маънои онро надорад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор аст[1]. Воқеан, атрофи проблемаҳову масъалаҳои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ баҳси доманадор аст ва дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи мазкур андешаҳои мухталиф ҷой доранд.

Тавре зикр намудем мақсади принсипи мазкур ба амал баровардани адолати судӣ ва поймол нагардидани ҳуқуқи инсон мебошад бо ин назардошт як қатор талаботҳо ҳаст, ки бояд онҳо сарфи назар карда нашаванд. Ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бояд ба муносибати яктарафа роҳ дода нашавад; суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда уҳдадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои зарурии дар қонун пешбинишударо андешанд; ҳолатҳои сафедкунанда, сабуккунанда ва вазнинкунандаи шахси ҷиноят содир карда муқаррар карда шаванд; аз ҷониби айбдоршаванда пешниҳод нагардидани далел боиси гунаҳгор донистани ӯ намегардад, вазифаи исботи айб ба зиммаи шахсе вогузор карда шудааст, ки функсияи айбдоркуниро иҷро менамояд. Ин функсия дар тафтишоти пешакӣ ба муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва дар суд бошад ба прокурор ва айбдоркунандаи хусусӣ вогузор карда шудааст.

[1] Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда аз нигоҳи устоди хирадманду оянданигор Неъмат Абдуллоев // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич) – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 232-235

Ҳукми айбдоркунӣ набояд бо тахмин асоснок карда шавад. Ҳангоми тахмин намудан ва ҷамъоварӣ нанамудани асосу далелҳои зарурӣ нисбати шахс бояд ҳукми сафедкунанда бароварда шавад. Ин меъёрро кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ низ дар худ таҷассум гардонидааст, ки ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок намудан мумкин нест ва ҳама гуна шубҳаҳое, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бартараф карда намешаванд ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешаванд.

Дар хусуси муносибат бо гумонбаршуда низ ҳаминро хотирнишон бояд сохт, ки муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор бояд хеле бодиққат бошанд ва бо шахси дастгиршуда ҳамчун шахси бегуноҳ муносибат намоянд [1], зеро гумонбар будану айбдор намудани шахс ҳанӯз маънои гунаҳгор будани шахсро нишон намедиҳад то он даме ки ҳукми суд оиди гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд. Суд ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда бояд комилан итминон дошта бошад, ки шахс дар воқеъ гунаҳгор аст ва дар ҳукми ӯ набояд шубҳа дида шавад. Ҳамчунин муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор то оғоз гардидани мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба воситаҳои ахбори омма оиди гунаҳгор будани шахс ва ё чи гуна ҷазову чанд сол аз озодӣ маҳрум шудани ӯ ягон маълумоте диҳанд, чунки худи истилоҳи эҳтимолият ин шубҳа кардан, тахмин намудан ва ё фарз кардан аст, яъне эҳтимол меравад, ки шахс гунаҳгор аст ва мумкин аст нисбати ӯ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳукми сафедкунанда бароварда шавад. Ҳатто ҳангоми киноя намудан низ дар хусуси оне ки шахс гунаҳгор аст боиси поймол намудани ҳуқуқҳои инсон мегардад. Таҷрибаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон низ изҳороти шахси мансабдори босалоҳияти ҳокимияти давлатиро оид ба гунаҳгории гумонбаршуда (айбдоршаванда) то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд чун вайронкунии эҳтимолияти бегуноҳӣ баҳо медиҳад[2].

Ҳамин тариқ эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон буда намегузорад, ки шахс бе асосу далелҳои қонунӣ дастгир ва ё ба ҳабс кашида шавад. Ҳангоми сарфи назар намудани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда поймол гардида,

---

[1] Маҳмудов И.Т. Ба амал баровардани таъқиби ҷиноятӣ аз ҷониби прокуратура (маводи конфронсҳои илмӣ-назариявӣ). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013.
[2] Абдуллоев П.С. Далел ва исботкунӣ. – Душанбе: 2019.

нобоварӣ нисбати мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура, суд ва ҳамчунин давлат зиёд мегардад.

Аз ин рӯ принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мақомоти таъқиби ҷиноятиро вазифадор менамояд, ки ҳама далелҳои заруриро барои гумонбар будану айбдор намудани шахс ҷустуҷӯ ва ҷамъ намоянд. Дар сурати дарёфт нанамудани маълумоту далелҳои кофӣ ва исбот нагардидани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят принсипи мазкур кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

# НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Розиқзода Далери Зафар**,
ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 900010122
**E-mail:** rozikov_9999@mail.ru

Таҷрибаи таърихи инсоният башорат аз он медиҳад, ки бунёди давлати миллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аз муттаҳидӣ, ҳамдилӣ ва ҳамбастагии халқи он вобастагии бевосита дорад, ки дар маҷмуъ онро ба ҳайси ваҳдати миллӣ ном бурдан имконпазир мебошад. Яъне, ваҳдати миллӣ гувоҳ аз муттаҳидӣ намуда, дар ташаккулу рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши калидоро иҷро менамояд ва бидуни он таъмин намудани ҳадафҳои олии давлату давлатдорӣ ғайри имкон мегардад. Маҳз бо дарназардошти дарки масъалаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони касби Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ваҳдати миллӣ диққати махсус сафарбар намуд, зеро Тоҷикистон дар натиҷаи рӯйи кор омадани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо гардидани аҳолӣ ва таҳдиди аз байн рафтани давлат дар харитаи сиёсӣ ниёз ба ваҳдати миллӣ дошт, ваҳдате, ки тавонад мардумро аз ҷанги бародаркушӣ дур намояд, иқтисоди фалаҷгаштаро барқарор созад ва воҳидияти давлатро таъмин гардонад. Аз ин рӯ, ҷидду ҷаҳд ва талошҳои хастанопазири фарзандони сарсупурдаи миллат боис бар он гардид то дар Тоҷикистон сулҳу субот танинандоз гардида, боиси таъмин намудани ваҳдати миллӣ дар тамоми ҳудуди кишвар гардад. Албатта, дар ин ҷода накш ва мавқеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир буда, дарку иброз накардани он нишонаи дур будан аз хештаншиносу худогоҳӣ аст. Дар ҳамин замина, профессор Холиқзода А.Ғ. бисёр ба маврид қайд менамояд, ки «… Ӯ (Эмомалӣ Раҳмон – Р.Д.) қадам ба қадам, ҳар лаҳза ва ҳар замон ба умеди ваҳдат, ба нияти субот фикр мекард, ҳарф мезад, амал мекард ва аз худию бегона, аз рӯҳи гузаштагону Офаридгори замину осмон талаби тинҷию оромии кишварро менамуд. Танҳо чунин шахс, танҳо чунин роҳбар қудрате дошт, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро дар як муддати кӯтоҳ хомӯш созад. Танҳо ҳамин дастовардаш қодир аст, ки

ба ӯ ҳамчун як қаҳрамон ва наҷотбахши миллату давлат арзи эҳтиром намоем»[1]. Воқеан, дар таъмин намудани ваҳдати миллӣ ҷойгоҳи марказиро Пешвои муаззами миллат доро мебошад, ки мактаби давлатдориву сиёсатдориаш мояи ифтихор асту омӯхтанист!

Маврид ба тазаккур аст, ки пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ имконияти яқинан муайян намудани сиёсати давлатӣ, махсусан сиёсати ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки то соли 1997 дар кишвар сиёсати ҳуқуқӣ таҳрезӣ нагардид, балки то ин муддат давлату Ҳукумати кишвар барномаи амиқи сиёсати ҳуқуқиро таҳия ва рӯйи кор оварда буданд, ки делели ин гуфтаҳо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие ба ҳисоб меравconfigurand, ки Тоҷикистон онҳоро ратификатсия намуда буд. Аммо, аз марҳилаи расидан ба Ваҳдати миллӣ роҳи дурусти муайянсозӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар кишвар ба вуҷуд омад, ки ҷузъи таркибии онро сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ҳамон тавре ишора намудем, дар муддати ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки зиёда аз панҷ сол давом ёфт, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишвар ба таври ошкоро мавриди поймолшавӣ қарор гирифт. Зеро, дар ҷомеае, ки ҷанг арзи ҳастӣ менамояд, оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи он сухан рондан мазмунан ғалат мебошад. Бо дарназардошти ин, зарурат ба миён омад то ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи конститутсионӣ мавриди танзим қарор гирифта, дар заминаи он санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар қабул гардиданд, ки дар маҷмуъ дурнамои сиёсати ҳимояи ҳуқуқии давлатро ифода менамуданд. Дар ҳамин замина, муҳаққиқи ватанӣ Ҷ. Саъдизода иброз менамояд, ки «дар ҳар давру замон риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз вазифаҳои асосии давлат буда, амалӣ гаштани он аз сиёсати давлатӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон бастагии зич дорад. Ба ибораи дигар, фарҳанги ҳуқуқи инсон яке аз заминаҳои зарурии эъмори давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад. Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ки нишонаи асосии он волоияти ҳуқуқи инсон аст, тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд бо дарназардошти ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои шахс шакл гирифта, дар асоси ин омилҳо тағйир ёбанд ва қатъ гарданд»[2]. Бояд ишора намуд, ки риояи ҳуқуқи инсон дар раванди

---

[1] Холиқзода А.Ғ. Бунёдгузори давлати миллӣ ё ҳафт дастоварди бузурги Пешвои миллат // Бунёдгузори давлати миллӣ – Пешвои миллат. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 24.

[2] Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – С. 120.; Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод

ҷаҳонишавӣ шарти муҳимми давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳисоб рафта, дар ин замина Д.С. Раҳмон чунин ибрози назар менамояд: «Таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон зарурат дошта, одитарин талабот нисбат ба давлатҳои муосир маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи рушди падидаи мазкур стандарту меъёрҳои нав ва пурзӯре ба вуҷуд омаданд, ки баъзан ихтиёран ва баъзан иҷборан бо роҳҳои гуногун таҳмил мешаванд. Дар замони муосири ҷаҳонишавӣ ҳақиқати бебаҳс аст, ки канораҷӯӣ аз он баробар ба инзиво аст. Аммо, аз сӯйи дигар, пайравию пайгирии кӯркӯрона таҳдид ба ҳастии на танҳо давлат, балки халқу миллат низ мебошад, зеро дар ниҳояти кор он маънои теша ба решаи фарҳангу шуури миллӣ дошта, хатарзо мебошад. Дар баробар ин, эътино ба паҳлуи дуюми масъала набояд инкори паҳлуи якум гардад. Дар ин ҷо муносибати борикбинона ва сиёсати дурусту оқилонаи тарҳрезишуда тақозо мегардад. Бояд беҳтарин дастовардҳои башарият қабул гардида, вобаста ба шароити давлату миллати мо пиёда карда шавад. Ин роҳи ягонаи эъмори давлати ҳуқуқбунёду демократӣ буда, нишондиҳандаи ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ будан аст, ки боиси боло рафтани обрӯю манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мегардад»[1].

Раванди муосири ҷомеаи инсонӣ тақозо менамояд то давлатҳо сиёсати ҳимояи ҳуқуқии худро хеле оқилонаву одилона корбаст намоянд ва нагузоранд то дар заминаи сиёсати ғайримақсаднок инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ тобеаи арзишҳои бегона гарданд. Яъне, дар сурати дуруст ба роҳ намондани сиёсати мазкур таъмин намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва ғ., ки аз зумраи унсурҳои марказии давлату давлатдорӣ ба ҳисоб мераванд, ғайриимкон мегардад. Маҳз дуруст ба роҳ намондани сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҷудогона боис бар он гаштааст, ки аҳолӣ ба муқобили ҳукумати қонунӣ садо баланд намоянд. Вале, бояд тазаккур дод, ки назарияи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар марҳилаи шаклгирӣ қарор дошта, то ҳол самт ва равиши амиқи худро муайян накардааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр метавон иброз намуд, ки ташаккул ва рушди сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ зич алоқаманд бу-

---

человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения международного и национального права: материалы Межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / под общ. ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014. – С. 264-272

[1] Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: вижагӣ, дастовард ва мушкилот: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 141-142.

да, пойдевори асосии ин сиёсатро гузоштааст. Дар раванди таззодҳои ҷаҳонӣ, ки сиёсати ҳимояи ҳуқуқии давлатҳо шакл иваз менамояд, бояд бо дарназардошти фарогирии манфиатҳои миллӣ ва дурнамои фаъолияти давлат, инчунин ба инобат гирифтани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ муайян карда шавад, ки дар ин росто Тоҷикистон истисно буда наметавонад.

# ОИД БА МАФҲУМИ УМУМИИ ИДОРАКУНӢ ВА АСОСҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Каримова Г.Т.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Истилоҳи идоракунӣ мафҳуми васеъ дорад. Ба маънои васеъ идоракунӣ ин роҳбарӣ ба касе ё чизе аст. Мақсади идоракунӣ – ба тартиб даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар макone, ки ҳайати идоракунанда, яъне маъмурият набошад, таъмини тартибот ғайриимкон аст.

Идоракунӣ ҳамчун фаъолияти роҳбарӣ заминаи таърихӣ дорад. Илми идоракунӣ аз замонҳои қадим батадриҷ такмил ёфта, ҷузъҳои алоҳидаи онро дар Инҷил, Қуръон, асарҳои Конфутсий, Афлотун, Н. Макиавеллӣ, инчунин мероси илмии назарияшиносони ҳарбӣ дучор омадан мумкин аст. Сукрот яке аз аввалин файласуфҳо маҳсуб меёбад, ки идоракуниро ҳамчун соҳаи махсуси фаъолияти инсон тавсиф намудааст. Ӯ принсипи идоракунии универсалиро пешниҳод карда буд[1]. Онҳое, ки сохтмони девори бузурги Чинро роҳбарӣ мекарданд ҳамон айём санъати идоракунии самаранокро дар таҷриба истифода мебурданд. Нуктаҳои асосии мактабҳои назарияи идоракунӣ дар заминаи ҷузъиёти фанҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодиёт, физиолигия, сотсиология, математика, фалсафа ва муҳандисии саноатӣ, ки дар асри XVII ташаккул ёфта буданд, асоснок ва таркиббандӣ шудаанд. Инкишофи технология, тавсеаи тиҷорат, афзоиши аҳолӣ таъсисёбӣ ва зиёдшавии шумораи заводу фабрикаҳо боиси беҳтар гардидани усулҳои корбарӣ, сифат ва истеҳсолот гардиданд. Дар асри XVIII Адам Смит баланд бардоштани самаранокии корро таввасути мушаххасгардонии он тарғиб мекард. Соли 1760 Жан Радолф Перонеи фаронсавӣ истеҳсоли сӯзанак мехакҳоро таҳқиқ карда, аввалин маротиба бобати муқаррар намудани вақти стандартӣ барои амалиёти гуногун кӯшиш ба харҷ дод. Соли 1830 Чарлз Беббиҷ, муҳандис, файласуф ва муҳаққиқ

[1] Иноятова М.А. Назария ва амалияи идоракунӣ . Васоити таълимӣ. – Душанбе, 2007. – С. 8.

тақсимоти меҳнатро тарғиб намудааст[1]. Инқилоби саноатӣ сабаби пайдоиши соҳибкории бузург ва мутобиқан зарурат ба менеҷерони касбӣ гардида, ташкилотҳои ибтидоии ҳарбӣ ва рӯҳонӣ моделҳои сарвариро пешниҳод намудаанд. Аммо кӯшишҳои баррасии идоракунӣ пароканда ва тасодуфӣ буданд. Ин иқдом ба таври комил, мантиқӣ ва батадриҷ, ки барои ташаккулёбии назарияи аслии идоракунӣ зарур буд, анҷом дода намешуд. Ба ҳамин тариқ, мутаассифона навоварони он замон корҳои худро хаттӣ дарҷ намекарданд. Асарҳои аввалин аз охири асри XVIII рӯи кор омаданд. Назарияи идоракунӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи омӯзиши илм танҳо дар аввали саддаи бист ба миён омадааст. Ҳамзамон, адабиёт доир ба ҷанбаҳои идоракунӣ ва омӯзиши он дар заминаи илмӣ пайдо гардид. Дар давоми асри гузашта мулоҳизаҳо доир ба идоракунӣ хеле назаррас тағйир меёфтанд. Назарияи идоракунӣ доимо инкишофёбанда ва такмилталаб буда, аҳамияти байналмилалиро соҳиб гаштааст. Роҳбарон ва менеҷерони имрӯза дар таҷрибаи кории худ усулу принсипҳоеро истифода мебаранд, ки аз консепсия ва таҷрибаҳои пешина замина мегиранд. Назарияи идоракунӣ аз худи мафҳуми "идоракунӣ" ташаккул ёфта, таҳти таъсири идоракунии классикӣ, нуқтаи назари рафтор ва усулҳои миқдорӣ қарор мегирад. Назарияҳои система, эҳтимолият, сифат, реинжиниринг, хаос ва ғайра нисбат ба рушди дониш дар соҳаи идоракунӣ саҳми худро гузоштаанд. Дар тамоми давраи инкишофи назарияи идоракунӣ тағйирёбии таваҷҷуҳ нисбат ба муайян кардани мафҳуми "идоракунӣ" ба назар мерасид ва ин тамоюл имрӯз низ идома дорад. Бинобар ин, муайян кардани мафҳуми стандарт барои калимаҳои гуногуне, ки аз ҷониби менеҷерон истифода мегарданд, мушкил аст, чунки бо гузашти айём ва тағйирёбии афзалиятҳо мафҳумҳо низ тағйир меёбанд. Бинобар ҳамин, имрӯз ҷиҳати муайян кардани мафҳуми "идоракунӣ" истилоҳҳои гуногун мавҷуданд, ки паҳлуҳои мухталифи идоракуниро инъикос менамоянд. Мутобиқан, барои беҳтар фаҳмидани мафҳуми "идоракунӣ" инкишофи илми идоракунӣ таввасути назарияи асосии он баррасӣ карда мешавад. Маъмулан мафҳуми "идоракунӣ"-ро ба фаъолияте нисбат медиҳанд, ки чор функсияи асосиро иҷро менамояд: банақшагирӣ, ташкили захираҳо, сарварӣ, назорат ё ҳамоҳангсозӣ. Ин шарҳи функсионалӣ аз мактаби классикии маъмурии идоракунӣ ва функсияи идоракунӣ, ки Анри Файол таҳия намудааст, замина мегирад. Барои аксари одамон

---

[1] Иноятова М.А. Назария ва амалияи идоракунӣ . Васоити таълимӣ. – Душанбе, 2007. – С. 8.

мафҳуми “идоракунӣ” гурӯҳи одамонеро (директорон ва дигар роҳбаронеро) ифода менамояд, ки дар ташкилоти худ барои қабул намудани қарор масъул мебошанд.

Шарҳи зерин сифатан қадаме ба пеш ҳисоб мешавад. Идоракунӣ ҳаллу фасли эҷодкоронаи масъалаҳое мебошад, ки тавассути чор функсияи асосӣ: банақшагирӣ, ташкил, сарварӣ ва назорат анҷом дода мешавад. Натиҷаи дилхоҳи ин амал истифодаи захираҳои ташкилот буда, имкон медиҳад, ки мақсади он татбиқ, вазифаҳои дар пеш истода ҳаллу фасл шаванд. Идоракунӣ тавассути функсияҳои мазкур, бо мақсадҳои ташкилот самаранок комёб шуданро ифода менамояд. Тамоюлҳое, ки имрӯз дар идоракунӣ ба вуқуъ мепайванданд, тасдиқ мекунанд, ки мафҳуми “сарварӣ” аз “идора кардан” фарқ дошта, моҳияти он, ки чор функсияи зикргардида ва “Парадигмаи нави идоракунӣ” дар бар мегирад.

Идоракунӣ – амалӣ кардани чизе, тавассути одамони дигар мебошад. Ин ҳамкорӣ бо одамон ва тавассути онҳо, ноил гардидан ба мақсадҳои ташкилот ва ташкили фаъолияти он ва аъзои он маҳсуб меёбад.

Психологи рус Роберт Львович Кричевский (1936- 2005), фаъолияти идоракуниро таҳлил намуда, муоширатро ҳамчун вазифаи муайянкунандаи «коммуникативӣ – танзимкунанда» ё «коммуникативӣ – ташкилкунанда»-и роҳбар медонад. Муошрати идоракунӣ самаранокӣ, ҳатто имконияти амалҳои роҳбарӣ, ҳамзамон ҷузъҳои ҳамин фаъолият, махсусияти амалҳои идоракуниро таъмин менамояд[1].

Муошрати идоракунӣ – ин намуди махсуси муошират мебошад ва аз намудҳои дигари муошират бо хусусияти худ фарқ мекунад, яъне таввасути он вазифаҳои роҳбарӣ амалӣ мешаванд.

Мо як қатор мафҳумҳои фундаменталии назарияи идоракуниро дида баромадем. Акнун ба тавсифи пурраи раванди идоракунӣ, ки дар он ин мафҳумҳои назариявӣ татбиқи амалии худро меёбанд, шурӯъ менамоем.

Раванди идоракунӣ – фаъолияти сохторҳои муайяни субъектҳои идоракунии муттамарказонидашуда мебошад, ки барои муваффақ шудани мақсадҳои гузоштаи идоракунӣ бо роҳи истифодабарии функсияҳои муайян ва татбиқи усулҳо ва принсипҳои идоракунӣ равона карда шудаанд[2]. Раванди идоракунӣ характери сиклӣ дорад. Ҳар як сикли идоракунӣ аз якчанд давра иборат аст. Давраи пешакии

[1] Файзализода Ҷ.Х. Психологияи идоракунӣ . Қ.2. – Душанбе, 2021. – С. 186.
[2] Вайсиддини З. Идоракунии соҳаи маориф. – Душанбе, 2009. – С.18.

идоракунӣ (муайян намудани мақсадҳо, ояндабинӣ ва банақшагирӣ), даври оперативии идоракунӣ (танқиди сохтори зарурӣ) ва назорат (таҳлил, муваффақиятҳои ба даст омада) аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Идоракунии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти давлатию ҷамъиятӣ дошта, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Мутобиқи Қонуни мазкур мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф;

– вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд;

– мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– мақомоти маҳаллии идоракунии маориф;

– мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Дар моддаи 31-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”[1] чунин дарҷ гардидааст: идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатиро муассис (муассисон) ё бо супориши муассис (муассисон) Шурои сарпарастон тибқи низомномаи намунавии тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассиса амалӣ менамояд.

Дахолати мақомоти идоракунии давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ, илмию методӣ, молиявию хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

Идоракунӣ чунин мақсадҳоро дорад: ташаккули маромҳои кор, дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, ҳиссиёт ва ҳолатҳои руҳии мусбат; ҳалли масъалаҳои марбут ба истеҳсолот; водор намудани тобеон ба иҷрои амалҳои мушаххас ва ғайра. Агар мақсади мушаххас набошад он гоҳ идоракунӣ хусусияти стихиявӣ ё худ номуташаккилонаро касб мекунад.

Ҳамагуна идоракунӣ ба принсипҳо, яъне ғояҳои роҳбарикунанда асос меёбад. Принсипҳои идоракунӣ – қоидаҳои асосӣ, бунёдӣ мебошанд, ки бояд ҳангоми амалӣ намудани идоракунӣ риоя карда шаванд ва амалӣ гардидани мақсадҳои гузошташударо таъмин намоянд.

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532.

Принсипҳои умумии идоракунӣ инҳо мебошанд:
- демократӣ;
- ҳамбастии коллегиалӣ ва яккасардорӣ;
- ҳамбастагӣ дар идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ;
- илмӣ;
- алоқамандии назария ва амалия;
- банақшагирӣ;
- системанокӣ ва комплексӣ.

Дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" омадааст, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба принсипҳои зерин асос меёбад:

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

– қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ;

– ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

– дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

– муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;

– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– мустақилияти муассисаҳои таълимӣ;

– раванди муттасили таҳсил;

– мувофиқати соҳаи маориф ба талабот ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– рушди соҳаи маориф бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;

– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот[1].

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532.

Принсипи яккасардорӣ барои роҳбарони соҳаи маориф аҳамияти зарурӣ дошта, муваффақиятҳои фаъолияти идоракунии шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо аз риояи он бештар вобастагӣ дорад. Шароити муҳими самаранокии идоракунии маориф дар шаҳру ноҳия – такягоҳ барои ташаббуси муаллимон, ҳаматарафа ҳавасманд намудани дастовардҳои эҷодии онҳо мебошад. Дар кори шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо принсипи комбинатсияи асосии идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар нақши муҳим мебозад. Доираи истифодабарии асосҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти шуъбаҳои маориф васеъ мебошад. Сохторҳои ҷамъиятии шуроҳои шуъбаҳои маорифу шаҳру ноҳияҳо, шуроҳои педогогӣ ва ғайра мебошанд. Сохторҳои ҷамъиятии гуногун нақши ёрирасонро бозида, таҳти роҳбарии шуъбаи маориф кор мекунанд ва ба он ёрии зарурӣ мерасонанд.

Принсипи илмӣ – яке аз принсипи пешбарандаи идоракунӣ ба шумор меравад. Имрӯз бидуни таҷриба ва дониши мукаммал, мактаб ва дигар муассисаҳои маорифро идора намудан ғайриимкон аст. Дониши чуқур дар соҳаи назарияи идоракунӣ, истифодабарии дастовардҳои илмҳои педогогӣ ва психологӣ зарур мебошанд. Принсипи банақшагирӣ дар системаи идоракунӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Банақшагирӣ – ин асоси идоракунӣ ва амалӣ намудани нақшаҳо – асоси мазмуни раванди идоракунӣ мебошанд[1].

Системанокӣ – ин пеш аз ҳама алоқамандии қисмҳое, ки бутуни ягонаро ташкил медиҳад. Муносибатҳои комплексӣ имкон медиҳанд, ки ҳамаи омилҳое, ки ба ҷараёни равандҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, ба инобат гирифта шаванд, ҷой ва мақоми онҳо дар системаи ҷамъиятӣ муайян карда шаванд. Масъалаҳои асосие, ки ҳалли онҳо имконпазиранд, ҷудо карда шаванд.

Масалан, барои ҳалли проблемаи баланд бардоштани сифати дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар мактабҳои ноҳия ба таври комплекс омилҳои педогогӣ, психологӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифтан мумкин нест. Системанок муносибат намудан дар идоракунии маориф маънои онро дорад, ки такмили яке аз пайвандҳои сохтор ва ё беҳтар намудани яке аз паҳлӯҳои кори таълиму тарбия ғайриимкон аст, агар дигар пайвандҳо ва паҳлӯҳоро ба инобат нагирем. Инчунин навкунии мазмуни таҳсилот, гузариш ба барномаҳои нави таълим, бозомӯзии муаллимон, такмили усулҳои таълим, мустаҳкам намудани пояи моддӣ - таълимии мактабҳо ва ғайраро талаб менамояд. Ҳамин тавр, дар шароити ҳозира танҳо

[1] Вайсиддини З.. Идоракунии соҳаи маориф. – Душанбе, 2009. – С.11.

муносибати системанок ва комплексӣ имкон медиҳад, ки соҳаи маорифро бомуваффақият идора намуда, самаранокии баланди таълим ва тарбия мувофиқии мақсадҳои ба нақша гирифташударо таъмин намоем. Ҳангоми муайян намудани мақсадҳои идоракунӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо на танҳо натиҷаҳои аввалия, балки натиҷаҳои ниҳоиро пешгӯӣ ва ба инобат гирифтан зарур аст. Дар идоракунии соҳаи маориф самаранокӣ, сифат ва натиҷаҳои ниҳоии ҳамаи корҳо, аҳамияти махсус дорад. Дар бораи самаранокии меҳнатии муаллим объективона баҳо додан, аз руи баҳо ва интизоми хонандагон ғайриимкон мебошад. Муҳим он аст, ки самаранокии тамоми корҳои муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои маориф аз рӯи маърифати хонандагон, тайёр будани онҳо ба фаъолияти созандагӣ, ба меҳнат ва ғайра баҳо дода мешавад.

# ТАЪИНОТИ
# СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ТАЪИНОТИ
# СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости шаҳрванд Набиев Н.С. «Дар хусуси муайян намудани мувофиқати моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

ш. Душанбе 18 марти соли 2022

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А., муовини Раис Каримзода К.М., судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н., судяҳо: Абдураҳимзода Д.Р., Шарифзода А.Н. ва Қувватзода Ф.Ҷ.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ – Шоназарова З.Х.,

дар маҷлиси судии Суди конститутсионӣ пешниҳоди судя Қувватзода Ф.Ҷ. аз рӯи дархости шаҳрванд Набиев Н.С. «Дар хусуси муайян намудани мувофиқати моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро шунида,

**м у а й я н к а р д:**

Шаҳрванд Набиев Н.С., ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост муроҷиат карда, дар он зикр менамояд, ки қаблан ӯ ба Суди конститутсионӣ доир ба номувофиқатии меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии дар парвандаи мушаххас аз ҷониби суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе нисбаташ татбиқшуда, ки ҳуқуқҳои тибқи моддаҳои 14, 19 ва 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатдодашудаи ӯ вайрон шудаанд, бо дархост муроҷиат кардааст.

Дар робита ба ин, Набиев Н.С., қайд менамояд, ки Суди конститутсионӣ бо таъиноти худ аз 2 августи соли 2021, моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро татбиқ намуда, нисбат ба дархости ӯ оғоз намудани мурофиаи судиро рад намудааст, вале таъинотро асоснок накардааст ва бо ҳамин васила ҳуқуқи конститутсионии ӯро ба ҳимояи судӣ вайрон намудааст.

Муроҷиаткунанда, доир ба ҳолатҳои мувофиқат надоштани меъёрҳои мушаххаси санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор медорад, ки нисбат ба таъиноти Суди конститутсионӣ оид ба рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ нисбати дархосташ аз 2 августи соли 2021 шикоят надорад, зеро тибқи қонун таъинот қатъӣ буда, нисбати он шикоят овардан мумкин нест, вале ба андешаи ӯ Суди конститутсионӣ бо амал (беамалии) худ ҳуқуқҳои дар моддаи 19 Конститутсия пешбинишудаи ӯро вайрон намудааст.

Моҳияти дархосташро муроҷиаткунанда дар зарурати барқарор намудани қонуният ва бартараф намудани вайронкунии меъёрҳои дар моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ифода менамояд, ки ба андешаи ӯ дар натиҷаи татбиқи моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбати дархосташ аз 2 августи соли 2021, аз тарафи Суди конститутсионӣ ҳуқуқҳои конститутсиониаш вайрон гардидаанд.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, Набиев Н.С., хоҳиш кардааст, ки дархосташро баррасӣ карда, аз рӯи он мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз ва мувофиқати моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Набиев Н.С. ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо мавриди баррасӣ қарор дода,оғоз намудани мурофиаи судии конститутсиониро нисбати он бо асосҳои зерин рад менамояд:

– дар масъалаи мувофиқати моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон номуайяние ошкор нагардид, ки он барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ асос гардад. Чунки моддаи 19 Конститутсия аз меъёрҳои моддӣ иборат аст, ки дорои мазмун ва мавзӯи танзими ҳуқуқии худ мебошанд ва бо моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқамандии бевоситаи мавзӯӣ ва мазмунӣ надоранд ва мантиқан наметавонанд боиси таҳлили муқоисавии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ гарданд. Ҳамчунин, муроҷиаткунанда дархосташро бо факту далелҳои мушаххаси мавзӯӣ асоснок накардааст. Мавқеъ бояд мавзӯи баррасишавандаро фаро гирифта, асосноккунии ҳуқуқии ҷанбаҳои мавзӯи баҳсиро бевосита ифода карда тавонад.

– оид ба асоси татбиқи моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбат ба дархости шаҳрванд Набиев Н.С., аз 2 августи соли 2021 «Дар хусуси муайян намудани мувофиқати моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2019, № 1648 «Дар бораи авф» ва моддаҳои 27, 28, қисми сеюми моддаи 52 ва моддаи 288 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 14, 19 ва 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаминро бояд қайд намуд, ки дархости мазкур ба талаботи сархати 6 қисми 1 ва қисмҳои 5, 6 моддаи 41 Қонуни конститутсионии мазкур мувофиқат надошт.

Дархости мазкур низ аз ҷиҳати шакл ва мазмун ба талаботи сархати 6 қисми 1 ва қисмҳои 5, 6 моддаи 41 Қонуни конститутсионии мазкур мувофиқат надорад, зеро дар он ҳолатҳо ва далелҳои мушаххас дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат надоштани меъёрҳои мушаххаси моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки муроҷиаткунанда талаб ва далелҳои худро бо онҳо асоснок мекунад, нишон дода нашудаанд. Ҳамчунин, Набиев Н.С., дархост ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо бо забони русӣ ба суд пешниҳод кардааст, ки тибқи муқаррароти моддаи зикршуда тарҷумаи онҳоро низ бояд бо забони давлатӣ пешниҳод мекард. Ғайр аз ин, дархост ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда бо теъдоди 1 нусха ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, ба он ҳуҷҷати пардохти боҷи давлатӣ замима нашудааст.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, тибқи талаботи моддаи 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 34, 41, 44, 45, 55, 56 ва 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**таъин кард:**

1. Оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯи дархости шаҳрванд Набиев Н.С. «Дар хусуси муайян намудани мувофиқати моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар набудани асос барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ ва ба талаботи моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ набудани он рад карда шавад.

2. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.

3. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Раиси<br>
Суди конститутсионии<br>
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ашурзода А.А.

Судя-котиби<br>
Суди конститутсионии<br>
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҷамшедзода Ҷ.Н.

# ТАЪИНОТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости намояндагони ваколатдор, адвокатҳои кабинети адвокатӣ Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш. ва намоянда Каримова Т.Д. ҷиҳати ҳимояи манфиати шаҳрванд Зайдуллоев С.Н. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

ш. Душанбе 4 марти соли 2022

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда – Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А., муовини Раис Каримзода К.М., судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н., судяҳо: Абдураҳимзода Д.Р. Шарифзода А.Н. ва Қувватзода Ф.Ҷ.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ – Усмонова М.А.,

дар маҷлиси судӣ гузориши судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н. ва судя Қувватзода Ф.Ҷ.-ро оид ба дархости намояндагони ваколатдор, адвокатҳои кабинети адвокатӣ Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш. ва намоянда Каримова Т.Д. ҷиҳати ҳимояи манфиати шаҳрванд Зайдуллоев С.Н. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида,

**м у а й я н к а р д:**

Намояндагони ваколатдор, адвокатҳои кабинети адвокатӣ Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш. ва намоянда Каримова Т.Д. ҷиҳати ҳимояи манфиати шаҳрванд Зайдуллоев С.Н. бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат карда, дар он зикр менамоянд, ки соли 2018 намояндагони Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» бо сабаби сохтмони роҳи автомобилгарди кӯчаи Маяковскии шаҳри Душанбе (аз хиёбони Н. Махсум то кӯчаи Карамов) шаҳрванд Зайдуллоев С.Н.-ро огоҳ намуданд, ки манзили шахсиаш № 93а воқеъ дар кӯчаи Панҷрӯди шаҳри Душанбе барои эҳтиёҷоти давлатию ҷамъиятӣ бартараф карда мешавад.

Соҳибмулк Зайдуллоев С.Н. бо талаби намояндагони муассисаи зикргардида ҳуҷҷатҳои манзилашро барои ҳалли масъалаи пардохти ҷуброни зарар бинобар бартараф намудани манзили истиқоматиаш, пешниҳод кардааст.

Муроҷиаткунандагон иброз медоранд, ки Муассиаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» соҳибмулк Зайдуллов С.Н.-ро хабардор накарда, бо мактуб аз 6 октябри соли 2021, № 1-570, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» бо бастани шартнома аз 7 октябри соли 2021, № 74 ҳамчун фармоишгар ба иҷрокунанда (баҳодиҳанда) КВД «Баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» – мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба нархгузории молу мулки манзили истиқоматии № 93а воқеъ дар кӯчаи Панҷрӯди шаҳри Душанбе, фармоиш додааст.

Ҳамзамон, муроҷиаткунандагон қайд менамоянд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» оид ба дода шудани иттилоот ба соҳибмулк дар бораи баста шудани шартнома байни фармоишгар ва иҷрокунанда (баҳодиҳанда) барои гузаронидани баҳодиҳии молу мулки ғайриманқул, ягон меъёр пешбинӣ нашудааст. Инчунин, дар Қонуни зикргардида оид ба гирифтани розигии соҳибмулк барои гузаронидани баҳодиҳии молу мулки ғайриманқули ӯ низ ягон меъёр муқаррар нашудааст.

Ба андешаи муроҷиаткунандагон ин ҳолат боиси дағалона вайрон шудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба моликият буда, аз мутобиқ набудани Қонуни зикргардида ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Муроҷиаткунандагон иброз медоранд, ки дар сурати ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ворид кардани меъёри дахлдор, ки «розигии соҳибмулкро оид ба гирифта шудани молу мулки шахсии ӯ барои эҳтиёҷоти давлат ва ҷамъият бо пардохти арзиши пурраи он» – пешбинӣ кунад, он гоҳ кафолати ҳифзи ҳуқуқи моликиятии ҳар як фард ва аҳли оилаи ӯ ба манзил дар сатҳи қонунӣ таъмин гардида, барои беҳбудии мунтазами шароити зист, мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, муроҷиаткунандагон таъкид менамоянд, ки меъёрҳои дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла қисми 2 моддаи 237, моддаи 263 ва моддаи 265 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, онҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, талаб

доранд, ки дар асоси дархости онҳо мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз намуда, мутобиқати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Суди конститутсионӣ дархости намояндагони ваколатдор, адвокатҳои кабинети адвокатӣ Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш. ва намоянда Каримова Т.Д. ҷиҳати ҳимояи манфиати шаҳрванд Зайдуллоев С.Н. ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки Зайдуллоев С.Н. субъекти муроҷиат ба Суди конститутсионӣ маҳсуб ёбад ҳам, аммо нисбати дархости мазкур оғоз кардани мурофиаи судии конститутсионӣ бо асосҳои зерин рад карда мешавад:

– дархости муроҷиаткунандагон мувофиқи сархати шашуми қисми 3 моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷкистон» бояд бо ҳолатҳо ва далелҳои мушаххас дар хусуси ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат надоштани меъёрҳои мушаххаси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» асоснок мешуд, яъне талаб бояд меъёрҳои мушаххаси Қонуни мазкурро дар бар гирифта бо далелҳо асоснок карда шавад. Бо чунин тарзи масъалагузорӣ, дархости муроҷиаткунандагон аз ҷиҳати шаклу мазмун низ ба талаботи моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат намекунад;

– дархости муроҷиаткунанда, дар хусуси ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ворид кардани меъёри дахлдор, ки «розигии соҳибмулкро оид ба гирифта шудани молу мулки шахсиаш барои эҳтиёҷоти давлат ва ҷамъият бо пардохти арзиши пурраи он» пешбинӣ кунад, ба тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намешавад, зеро Суди конститутсионӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ надорад.

Мувофиқи қисми 3 моддаи 66 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳангоми баррасӣ нагардидани муроҷиат, боҷи давлатӣ ба муроҷиаткунанда пас гардонида мешавад.

Бинобар ин, мутобиқи моддаҳои 34, 38, 40, 41, 43, 45, 55, 56, 60 ва қисми 3 моддаи 66 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**т а ъ и н к а р д:**

1. Оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯи дархости намояндагони ваколатдор, адвокатҳои кабинети адвокатӣ Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш. ва намоянда Каримова Т.Д. ҷиҳати ҳимояи манфиати шаҳрванд Зайдуллов С.Н. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар ба талаботи моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ набудани дархост, ва таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надоштани масъалаҳои алоҳидаи мурочиат рад карда шавад.

2. Боҷи давлатӣ, ки бо расиди № 3545/149 аз 3 феврали соли 2022 ба БДА ҶТ «Амонатбонк» МХБ №05/018 ба маблағи 64 (шасту чор) сомонӣ супорида шудааст, ба шаҳрванд Зайдуллоев Саидҷон Насирович баргардонида шавад.

3. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.

4. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ашурзода А.А.

Судя-котиби
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҷамшедзода Ҷ.Н.

# НАВИДҲОИ
# СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# НАВИДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**21 январи соли 2022** дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки судяҳо ва кормандони дастгоҳи он ҳамоиш доир ба омӯзиши нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 баргузор гардид. Дар он муовини Раиси Суди конститутсионӣ Каримзода К., судяҳо Ҷамшедзода Ҷ.Н. ва Қувватзода Ф.Ҷ. оид ба паҳлуҳои мухталифи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар намудаанд.

**18 марти соли 2022** дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки судяҳо ва кормандони дастгоҳи он бахшида ба – Иди Наврӯзи байналмилалӣ маҷлиси тантанавӣ доир гардид. Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А. судяҳо ва кормандонро бо фарорасии Наврӯзи Аҷам, ҷашни ниёгон самимона табрик намуда, қайд намуд, ки Наврӯз ҳамчун бузургтарин ойини мардумӣ ҳанӯз аз оғози пайдоиши он то ба имрӯз, ки таърихи беш аз шаш ҳазор солро дар бар мегирад, ҳамчун рамзи сари сол, яъне айёми баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими кишту кор, ибтидои корҳои саҳроӣ ва фаъолияти кишоварзон ҷашн гирифта мешавад. Ҷашни Наврӯз барои мо – тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз як падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад. Инчунин, судяҳои Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н. ва Абдураҳимзода Д.Р. оид ба таърих ва суннатҳои Наврӯзи ҷаҳонӣ суханронӣ намуда, ҳамагонро табрику таҳният намуданд.

**Аз 25 то 28 апрели соли 2022** ёрдамчии муовини Раиси Суди конститутсионӣ Вализода Ш.О. дар шаҳри Анқараи Ҷумҳурии Туркия дар симпозиуми байналмилалӣ дар мавзӯи «Тафсири конститутсия дар иртибот ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон» бахшида ба 60-умин солгарди таъсисёбии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Туркия иштирок ва дар мавзӯи «Нақши Суди конститутсионӣ дар ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ» баромад намуд. Дар кори ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ, ки бо ташаббуси Суди конститутсионии

Ҷумҳурии Туркия доир гардид, намояндагони мақомоти назорати конститутсионии кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Индонезия, Ӯзбекистон, Шоҳигарии Таиланд, Филиппин, Муғулистон, Кореяи Ҷанубӣ, Озорбойҷон, Комиссияи Венетсияи Шӯрои Аврупо, намояндагони ҳокимияти судии Туркия, олимони соҳаи ҳуқуқ ва дигарон иштирок намуданд.

**10 майи соли 2022** Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Комиссияи Венетсияи Шӯрои Аврупо (Комиссияи Аврупоӣ оид ба ҷонибдории демократия ба воситаи ҳуқуқ) мизи мудаввари байналмилалӣ дар мавзӯи «Адолати судии конститутсионӣ ва волоияти ҳуқуқ» дар меҳмонхонаи «Ҳаят реҷенси Душанбе» («Hyatt Regency Dushanbe») баргузор намуд.

Дар кори ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ализода Зариф, Раиси Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонунияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Раҳмон, намояндагони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ҳамчунин, дар дар кори мизи мудаввар меҳмонони хориҷӣ, аз қабили Президенти Комиссияи Венетсияи Шӯрои Аврупо Ҷанни Букиккио (бо тариқи маҷозӣ), коршиносон ва намояндагони Комиссияи Венетсия Владимир Варданян, Сергей Кузнецов, Георгий Папуашвили, Виктория Мешайкина, Амели Лепинар, Ольга Фрайштетер, муовини Раиси Суди конститутсионии Ӯзбекистон Ғафуров А.Б., узви Шӯрои конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон Унзила Ш.Ш., судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Қирғизистон Бобукеева М.Р., Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Тоҷикистон Др. Андреа Протманн, Сафири намояндагии Шӯрои Аврупо дар Тоҷикистон Мэрилин Ҷосефсон, намояндагони Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) ва олимони ҳуқуқшиноси кишвар иштирок ва баромад намуданд.

Чорабинии мазкур дар сатҳи хуби омодагӣ доир гардида, дар доираи ин чорабинӣ мавзӯъҳои марбут ба волоияти ҳуқуқ ҳамчун принсипи конститутсионӣ, таъсири адолати судии конститутсионӣ дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, нақши судҳои конститутсионӣ дар ташаккули принсипи волоияти ҳуқуқ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқ инсон, нақши истисноии судҳои конститутсионӣ ҳамчун кафили таъмини волоияти ҳуқуқ дар давлатҳои марҳилаи гузариш ва дигар мавзӯъҳо оид

ба волоияти ҳуқуқ ва таҳкими адолати судии конститутсионӣ бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои мухталиф мавриди муҳокима ва таҳлили амиқ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, дар доираи чорабинӣ вохурии Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони мақомоти назорати конститутсионии кишварҳои зикргардида ва Комиссияи Венетсияи Шӯрои Аврупо доир гардида, масъалаҳои марбут ба таҳкими ҳамкориҳои тарафайн баррасӣ гардиданд.

**27 майи соли 2022** дар толори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки судяҳо ва кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик лексия-суҳбат дар доираи шоҳасари Бобоҷон Ғафуров – «Тоҷикон» роҳандозӣ гардид. Дарси омӯзишӣ аз тарафи таърихшинос, сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Б. баргузор шуд.

**5 июни соли 2022** дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси ҷамъбастии натиҷаи фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 бо иштироки мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Шоназаров С.А., судяҳо ва кормандони дастгоҳи он доир гардид.

Маҷлисро Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А. ифтитоҳ намуда, ҷиҳати манзур намудани ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти Суди конститутсионӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2022 суханро ба муовини Раиси Суди конститутсионӣ Каримзода К.М. дод.

Зикр гардид, ки дар нимсолаи якуми соли 2022 судяҳо ва кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ фаъолияти худро аз рӯи 22 адад нақшаи чорабиниҳои ба тасвибрасонидаи Раиси Суди конститутсионӣ барои соли 2022, ки ба фаъолияти он ва равандҳои сиёсии мамлакат алоқаманданд, амалӣ менамоянд.

Таъкид шуд, ки самти афзалиятноки фаъолияти Суди конститутсионӣ ин баррасии саривақтӣ ва қонунии мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Дар нимсолаи якуми соли 2022 ба Суди конститутсионӣ 137 мурожиатҳо ворид гардидаанд, ки аз онҳо 18 ададаш мурожиати хаттӣ ва электронии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва 119 ададаш мурожиатҳои шифоҳии шахсони воқеӣ мебошанд. Қайд карда шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ Суди конститутсионӣ ду дархости

шаҳрвандонро мавриди баррасӣ қарор дода, нисбати онҳо таъиноти дахлдор қабул намуд.

Дар ҷамъбасти ҳисобот мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Шоназаров С.А суханронӣ намуда, аз ҷумла қайд намуд, ки Суди конститутсионӣ ҳамчун мақоми назорати конститутсионӣ дар ҳифзи меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он нақши муҳим дорад ва азбаски касбият ва салоҳиятнокии субъектҳои ҳуқуқэъҷодкунанда хеле боло рафтааст, теъдоди дархосту пешниҳодҳо ба Суди конститутсионӣ камтар шудааст.

Дар маҷмуъ, фаъолияти Суди конститутсионӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 қаноатбахш арзёбӣ гардид.

**10 июни соли 2022** дар маҷлисгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони дастгоҳи Суд хониши идоравӣ баргузор гардид. Солиев А. – муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории БПНМ» дар мавзӯи «Пешгирии вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)» бо иштирокчиён лексия-суҳбат гузаронида, роҳҳои пешгирӣ намудани вируси мазкурро иброз намуд. Сипас, Саймуддинов Т. – муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофлактика» дар мавзӯи «Фаъолияти мақомоти давлатӣ дар шароити сирояти коронавируси COVID-19, дигар ҳолатҳои буҳронӣ» баромад намуда, бо кормандони дастгоҳ лексия-суҳбат анҷом дод.

**23 июни соли 2022** дар маҷлисгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ семинари ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши Ваҳдати миллӣ дар таҳкими сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Дар кори он мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Шоназаров Содиқ, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қамарзода Рошиддин, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе – Диноршоҳ Азиз, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Шарифзода Фарангис, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститут-

сионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Имомов Ҳумоюн, намояндагони Суди Олии иқтисодӣ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин судяҳову кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ иштирок намуданд.

Семинарро Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А. ифтитоҳ намуда, таъкид намуд, ки маҳз, меҳру муҳаббати самимии Пешвои муаззами миллат ба Ватан ва худшиносию худогоҳии миллати фарҳангсолори мо боис шуд, ки Тоҷикистони азизи мо ба Ваҳдати миллӣ, ҳамчун арзиши муқаддаси инсонӣ ноил гардид. Бо шарофати Ваҳдати миллӣ ҳисси ватандӯстиву худогоҳии халқи Тоҷикистон боло рафта, ин раванд хусусияти устувор ва бебозгаштро касб намудааст. Ваҳдат ва худшиносии миллӣ барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои устувор гузошта, давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хоса касб ва низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш бурда истодааст.

Дар кори семинар, ҳамчунин Шоназаров С.А. – мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, судяҳои Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н., Қувватзода Ф., судяи Суди Олӣ Қамарзода Р., профессор Диноршоҳ А.М., Шарифзода Фарангис – намояндаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Имомов Ҳ.Ш. – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва Нурляминзода Г.А. – сардори Раёсати таъминоти ҳуқуқии фаъолияти судяҳои Суди конститутсионӣ оид ба ҷанбаҳои мухталифи Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи сиёсиву ҳуқуқӣ бо маърӯзаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ баромад карданд.

**Аз 4 то 7 июли соли 2022** бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ҳамшарикии Муассисаи давлатии Раёсати кор бо мактабҳо ва иншоотҳои варзишӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва 31-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи кушоди варзишӣ оид ба тенниси рӯи миз байни наврасон (духтарону писарон) ва калонсолон (мардон ва бонувон) баргузор карда шуд. Дар ин чорабинии варзишӣ намояндаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурляминзода Гулнора дар мусобиқаи мазкур иштирок намуда, байни бонувон ҷойи сеюмро ишғол намуда, 8 июли соли равон ӯ ҳамчун ғолиби мусобиқа бо Дипломи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти шаҳри Душанбе, медал ва тӯҳфаи хотиравӣ сарфароз гардонида шуд.

**Рӯзҳои 19 то 20 августи соли 2022** дар Ҷумҳурии Монголия Панҷумин Конгресси Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии Осиё ва институтҳои муодил доир гардид. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии Осиё ва институтҳои муодил мебошад. Дар чорабинии мазкур судяи Суди конститутсионӣ Қувватзода Ф.Ҷ. бо тариқи маҷозӣ иштирок ва дар мавзӯи «Хусусиятҳои назорати конститутсионӣ дар Тоҷикистон дар шароити муосир» баромад намуд.

**26 августи соли 2022** Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А. ва роҳбари дастгоҳи Суди конститутсионӣ Гулзода А. дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон дар мизи мудаввари байналмилалӣ таҳти унвони «Таҳаввули падидаи назорати конститутсионӣ дар шароити дигаргунсозии ҷомеа ва давлат» иштирок намуданд. Раиси Суди конститутсионӣ дар мавзӯи «Адолати судии конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» баромад намуд. Дар кори ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ, ки бо ташаббуси Шӯрои конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Комиссияи Венетсияи Шӯрои Аврупо доир гардид, намояндагони мақомоти назорати конститутсионии кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Комиссияи Венетсияи Шӯрои Аврупо, намояндагони ҳокимияти судии Қазоқистон, олимони соҳаи ҳуқуқ ва дигарон иштирок намуданд.

Ҳамчунин, тибқи барномаи таҳиянамудаи Шӯрои конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон, намояндагони Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои илмӣ-амалии Академияи ҳуқуқшиносии Авруосиё ба номи Д.А. Қунаев ва Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи Ал-Форобӣ иштирок намуданд. Пас аз интиҳои чорабинии илмӣ ба Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ашурзода А. медали Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи Ал-Форобӣ тақдим гардид.

**6 сентябри соли 2022** дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чамъомади тантанавӣ бахшида ба 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Ҷамъомади тантанавиро Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ашурзода Абдулҳафиз ифтитоҳ намуда, ҳамватанон ва кормандони судро бо ин рӯзи фархунда табрик намуданд. Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ашурзода Абдулҳафиз қайд намуданд, ки мо имрӯз аз он сарфарозем, ки ҳанӯз 31 сол қабл дар заминаи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 расман рӯзи Ис-

тиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуда, роҳи минбаъдаи пешрафти давлати соҳибихтиёру демократии мо, ки дар ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ ифода меёбад, муайян карда шуд. Сипас, судяҳои Суди конститутсионӣ Абдураҳимзода Д.Р., Шарифзода А.Н., Ҷамшедзода Ҷ.Н., Қувватзода Ф. Ҷ. ва кормандони дастгоҳ доир ба аҳамияти Истиқлолияти миллӣ андешаронӣ намуданд.

**9 сентябри соли 2022** дар майдони «Нишони давлатӣ»-и шаҳри Истаравшан ба муносибати ҷашни бузурги миллӣ – 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода Абдулҳафиз, намояндаи вилояти Суғд, роҳбарияти шаҳр, зиёиён, роҳбарони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, воҳидҳои сохторӣ, кормандони соҳаҳои мухталифи шаҳр, собиқадорон, ҷавонону наврасон ва фаъолон ширкат варзиданд.

Раиси Суди конститутсионӣ муҳтарам Ашурзода Абдулҳафиз паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати ҷашни 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самъи ҳозирин расонида, сокинони шаҳри Истаравшани бостонро ба муносибати ин ҷашни фархунда шодбош гуфтанд ва ба ҳамагон рӯзгори ободу осуда, хотирҷамъӣ ва ба Ватани соҳибистиқлоламон сарсабзию шукуфоӣ ва сулҳу осоиши пойдор орзу намуданд.

Дар идома кормандони соҳаҳои мухталифи шаҳр, хизматчиёни давлатӣ, роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, собиқадорону фаъолон бо ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтихорномаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтихорномаи Раиси вилояти Суғд ва бо ифтихорномаҳои раиси шаҳри Истаравшан сарфароз гардонида шуданд.

**21 сентябри соли 2022** дар Суди конститутсионӣ бо намояндагони Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилаллӣ (GIZ) вохурӣ баргузор гардид.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» аз соли 2009 бо Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст. Роҳбари Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» Йорг Пуделка ва роҳбари баронмаи мазкур дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон Фолкер Штампе ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳо бо Раис ва намояндагони Суди конститутсионӣ вохурӣ гузаронида, ба Суди конститутсионӣ барои баргузории конфронс ва вохуриҳо ба тариқи маҷозӣ (онлайн) таҷҳизотҳои замонавиро тақдим намуданд.

**Аз 21 то 23 сентябри соли 2022** дар Ҷумҳурии Туркия конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Тафсири Конститутсия бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо» баргузор гардид, ки дар кори он кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ – Усмонова М. ва Амиров Ш. ба таври маҷозӣ (онлайн) иштирок ва суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, сармутахассис оид ба қабули муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ Усмонова М. дар мавзуи «Махсусияти тафсири конститутсионӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ: таҷрибаи Тоҷикистон» баромад намуд.

**Аз 4 то 7 октябри соли 2022** Раиси Суди конститутсионӣ Абдулҳафиз Ашурзода ва судяи Суди конститутсионӣ Ҷамшед Ҷамшедзода дар Ҷумҳурии Индонезия дар Анҷумани панҷуми Конференсияи умумиҷаҳонии адолати судии конститутсионӣ (WCCJ) дар мавзӯи «Адолати судии конститутсионӣ ва сулҳ» иштирок намуданд. Дар кори ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ, ки бо ташаббуси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Индонезия ва Комиссияи Венетсиягии Шӯрои Аврупо доир гардид, намояндагони мақомоти назорати конститутсионии 92 кишвари ҷаҳон, аз қабили Австрия, Албания, Алжир, Андора, Арманистон, Африка, Белорусия, Булғористон, Венгрия, Гана, Камерун, Кения, Косово, Қазоқистон, Қирғизистон, Латвия, Македония, Молдавия, Олмон, Руминия, Словения, Туркия, Ӯзбекистон, Хорватия, Чили, Шоҳигарии Иордания, Шоҳигарии Тайланд, Шоҳигарии Люксембург, ҳамчунин намояндагони зиёда аз 10 созмонҳои бонуфузи байналмилалии назорати конститутсионӣ, аз ҷумла Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии Осиё ва институтҳои муодил, Форуми судҳои олии Африка (SACJF), Судҳои Иттиҳоди миллатҳо, Ассотсиатсияи Авруосиёии мақомоти назорати конститутсионӣ (EACRB), Иттиҳоди судҳо ва шӯроҳои конститутсионии давлатҳои араб (UACCC), Конфронси судҳои конститутсионии Аврупо (CECC) ва дигарон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар доираи кори Анҷуман Раис ва судяи Суди конститутсионӣ дар ҷаласаҳои Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии Осиё ва институтҳои муодил ва Ассотсиатсияи Авроосиёии мақомоти

назорати конститутсионӣ, ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои созмонҳои мазкур мебошад, иштирок намуданд.

Ҳамчунин, дар доираи сафари хизматӣ Раиси Суди конститутсионӣ бо раисони судҳои конститутсионии Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркия, Озарбойҷон, Булғористон ва Арманистон ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳо ва табодули таҷриба суҳбату вохуриҳои судмандро анҷом дод. Дар маҷмӯъ чорабинии байналмилалӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ доир гардида, барои муаррифӣ намудани таҷрибаи назорати судии конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти назорати конститутсионии давлатҳои хориҷӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалии мақомоти назорати конститутсионӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

**5 октябри соли 2022** дар толори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба рӯзи Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки судяҳо, хизматчиёни давлатӣ ва дигар кормандони Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ бо садо додани суруди миллӣ баргузор гардид. Дар он Каримзода К.М. – муовини Раиси Суди конститутсионӣ, Абдураҳимзода Д.Р. – судяи Суди конститутсионӣ, Сангзода Г.Р. – ёрдамчии судя, Бадалова С. – сармутахассис оид ба кор бо кадрҳо, Носирзода Ш.Н. – нозир-коргузори шуъбаи корҳои умумӣ ва хизмати давлатӣ бо маърӯза баромад намуда, нақши Пешвои муаззами миллатро дар муаррифии шоистаи Тоҷикистон ва рушди забони давлатӣ баланд арзёбӣ намуданд.

**26 октябри соли 2022** дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Раис, судяҳо ва кормандони дастгоҳи он бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти судӣ маҷлиси тантанавӣ доир гардид. Раиси Суди конститутсионӣ Абдулҳафиз Ашурзода иброз намуданд, ки 21 январи соли 2018 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйироти дахлдор ворид гардида, 26 октябр расман ҳамчун Рӯзи касбии кормандони мақомоти судӣ эълон карда шуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатиро дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ пешбинӣ намудааст. Нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар таъмини адолати иҷтимоӣ хеле муҳим мебошад, зеро таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои даврони Истиқлол ва самараи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба ҳисоб рафта, ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсия фаъолият мекунад. Имрӯз барои пешбурди фаъолияти он ҳамаи заминаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ фароҳам мебошанд. Бахшида ба Иди касбии кормандони мақомоти судӣ, ҳамаи судяҳо ва кормандони дастгоҳи Судро хонаободиву сарбаландӣ ва ба кишвари азизамон тинҷиву оромӣ ва фазои сулҳу беғубор таманно намуданд. Инчунин, судяҳо бо суханони табрикотӣ баромад намуда, баҳри пойдории ҳокимияти судӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таманниётҳои неки худро иброз намуданд.

**11 ноябри соли 2022** дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари илмию амалӣ таҳти унвони «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳомии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар кори семинари илмию амалӣ Раис, судяҳо ва кормандони Суди конститутсионӣ, намояндагони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломаносов дар шаҳри Душанбе иштирок намуда, оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи баррасишаванда ибрози назар намудан. Аз ҷумла, зикр гардид, ки таъсиси мансаби Президент, ҷашн гирифтан ва таҷлили он заминаи таърихӣ дошта, дар масири давлатдории кишварҳои ҷаҳон шахсиятҳои таърихии барҷаставу номбардоре вомехуранд, ки онҳо дар марҳилаву вазъиятҳои барои кишварашон мураккабу ҳассос ба арсаи сиёсат омада, суботу осоиштагӣ ва роҳи рушди минбаъдаи мамлакати худро муайян намуда, дар болоравии обруву мақоми давлаташон нақши абадӣ гузоштаанд. Маврид ба таззакур аст, ки айни замон 143 давлати аъзои СММ дар сохтори давлатдории худ мансаби президентиро ҷорӣ намудаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин росто истисно нест ва дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ба сифати ҳомии Конститутсия ва қонунҳо шинохта шудааст.

**24 ноябри соли 2022** дар маҷлисгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба таҷлили Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Суди конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяҳо, хизматчиёни давлатии дастгоҳи Суд ва дигар кормандони он ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид.

**Аз 22 то 25 декабри соли 2022** дар Ҷумҳурии Туркия Конгресси якуми Конфронси ҳуқуқҳои конститутсионии ҷаҳони ислом (CCJ-I) баргузор гардид, ки дар кори он судяи Суди конститутсионӣ Қувватзода Ф.Ҷ. ва сардори Раёсати таъминоти ҳуқуқии судяҳои Суди конститутсионӣ Нурляминзода Г.А. иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

**Конституция Таджикистана обладает высшей юридической силой, ее нормы имеют прямое действие.**

(Статья 10 Конституции Республики Таджикистан)

# ВЕСТНИК КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Научно-информационный журнал

Главный редактор:

**Ашурзода А.А.**
Председатель Конституционного суда
Республики Таджикистан

Редакционная коллегия:

| | |
|---|---|
| **Каримзода К.М.** | Заместитель Председателя Конституционного суда Республики Таджикистан, кандидат политических наук |
| **Джамшедзода Д.Н.** | Судья-секретарь Конституционного суда Республики Таджикистан, кандидат юридических наук |
| **Хошимзода Д.Д.** | Начальник Управления делопроизводства и надзора Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук |
| **Шарофзода Р.Ш.** | Член Научно-консультативного совета при Конституционном суде Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор |
| **Искандаров З.Х.** | Член Научно-консультативного совета при Конституционном суде Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор |
| **Сафарзода Н.Ф.** | Кандидат юридических наук |

© Издание Конституционного суда Республики Таджикистан, 2022.

# СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| Ашурзода А.А. | Конституционное правосудие и опыт миростроительства Республики Таджикистан | 87 |
| Джамшедзода Д.Н. | Роль Конституционного суда в обеспечении стабильности конституционного строя Республики Таджикистан | 93 |
| Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. | Воздействие Декларации Кира Великого в развитии европейских правовых источников | 99 |

Определение Конституционного суда Республики Таджикистан об отказе в возбуждении конституционного судопроизводства по ходатайству гражданина Набиева Н.С. «Об определении соответствия статьи 41 конституционного Закона Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан» статье 19 Конституции Республики Таджикистан» 119

Определение Конституционного суда Республики Таджикистан об отказе в возбуждении конституционного судопроизводства по ходатайству уполномоченных представителей, адвокатов-поверенных Шарипов А.П., Шозодаева Г.Ш., для защиты интересов гражданина Зайдуллоева С.Н. «Об определении соответствия норм Закона Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности»» статье 32 Конституции Республики Таджикистан 123

Новости Конституционного суда Республики Таджикистан 127

# КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВОСУДИЕ И ОПЫТ МИРОСТРОИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ашурзода Абдулхафиз Абду,**
Председатель Конституционного
суда Республики Таджикистан

Для демократического государства, способного гарантировать обеспечение верховенства права, наиболее эффективной юридико-правовой гарантией обеспечения верховенства права и неукоснительного исполнения норм Основного закона страны признается судебный конституционный контроль, осуществляемый конституционным судом.

Существование эффективного института конституционного контроля расценивается как один из основных критериев, по которым можно судить об уровне демократизации общества в целом.

Общепризнано, что каждое государство создает свою модель конституционного контроля, учитывая специфику своего устройства, но, независимо от этого, само существование конституционного контроля признается важнейшим инструментом достижения баланса между внутренними противоречиями и потребностью сохранения единого правового пространства, возникающими на пути развития демократического государства.

В Таджикистане создание независимого судебного органа конституционного контроля было объективной необходимостью в условиях переходного периода, и выбор действующей модели конституционного контроля в Республике Таджикистан обусловлен учрежденной Конституцией системой органов государственной власти, особенностями национально-правовой системы и соответствует концепции правового и демократического государства.

Исходя из этого, еще в процессе разработки первой Конституции независимого Таджикистана был поставлен вопрос о создании отдельного института судебного конституционного контроля, поскольку ранее конституционный контроль осуществлялся Комитетом конституционного надзора Республики Таджикистан.

Конституционное правосудие, осуществляемое в Таджикистане специализированным судебным органом – Конституционным судом, придерживаясь европейской модели конституционного контроля, обеспечивает строгое соблюдение режима конституционной законности и соответствия правовых актов, их норм Конституции.

Следует подчеркнуть, что в целом в настоящее время институт конституционного контроля приобрел тенденцию к универсализации, и он присущ подавляющему большинству современных государств, причиной чего в основном является, прежде всего, общее признание концепции правового государства и развитие идеи верховенства права, в частности его важнейшего источника – Конституции.

Исходя из этого, можно отметить, что осуществление конституционного правосудия – это не только охрана Конституции, но и её защита в случае выявления и фиксации реального посягательства, а также установление, поддержание, упрочение и восстановление конституционной законности и порядка.

Как показывает практика двадцатисемилетней деятельности Конституционного суда Таджикистана, осуществление конституционного правосудия является одним из важных институтов правового государства, в котором верховенству Конституции и обеспечению законности, а также и миру и стабильности в стране уделяется особое внимание.

Эффективная деятельность органа конституционного конт-роля в Таджикистане способствовала тому, что субъекты обращения стали более глубоко осознавать важность и необходимость обращения в данный орган для обеспечения верховенства и непосредственного действия норм Конституции, а также защиты их прав и законных интересов.

Таджикистан с первых дней своей независимости в процессе восстановления и создания основ государственности, обеспечения общественной безопасности и стабильности, единства народа, столкнулся с серьёзными препятствиями и проблемами, что привело к возникновению гражданского конфликта в стране.

В 90-е годы страна находилась в той ситуации, когда, с одной стороны, структуры государственных органов не смогли потушить пламя братоубийственной войны и избавить общество от глубокого политического и социального кризиса, а с другой стороны, было невозможным отложить создание новых органов государственной власти, в частности конституционные выборы нового политического руководства.

Обстановка в стране была крайне напряжённой, государственные органы не функционировали надлежащим образом, власть была разделена на отдельные группы, никто не подчинялся власти.

В этой связи следует отметить, что важную роль в формировании государственных институтов и создании новой государственно-

сти сыграла Конституция Республики Таджикистан, принятая 6 ноября 1994 года путём всенародного референдума.

Конституция независимого Таджикистана официально представила нашу государственную независимость с правовой точки зрения, а также официально презентовала Таджикистан мировому сообществу как суверенное, демократическое, правовое, светское и единое государство.

На базе данного правового акта укрепилась деятельность высших законодательных и исполнительных органов власти, был заложен фундамент реальной независимости и национальной государственности.

После более пяти лет вооруженного противостояния подписание Всеобщего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане является величайшим достижением таджикского народа в период независимости, и сегодня миротворческий опыт таджиков признан мировым сообществом и стал предметом изучения.

Здесь особо следует отметить заслуги Президента Таджикистана уважаемого Эмомали Рахмона в достижении и становлении мира и национального единства, которому несмотря на сложную и опасную политическую обстановку в стране удалось привести конфликтующие стороны к взаимопониманию и согласию, а также вернуть почти один миллион беженцев, покинувших свои родные места из-за страха за свою жизнь.

Понятно, что без достижения мира и единства в стране не могло быть и речи о процветании нашей Родины.

По инициативе и при постоянном внимании Президента страны, с целью достижения взаимопонимания и восстановления мира, было проведено несколько этапов переговоров с оппозицией. В результате длительных переговоров, которые длились 40 месяцев, был проведён 21 раунд переговоров и подписано 40 важных для нации документов.

Двадцатипятилетний путь развития Таджикистана после подписанного 27 июня 1997 года Общего соглашения об установлении мира и национального согласия, а также историко-сравнительное изучение сущности межтаджикского конфликта с другими военно-политическими конфликтами в современном мире, способов и моделей их разрешения, явно доказали правильность и своевременность совершения названного подлинно гуманистического акта. Подписав данное судьбоносное для таджикского народа соглашение, стороны исходили из твердого намерения обеспечить соблюдение высших интересов таджикского народа, выбрав единственно верные и необхо-

димые средства для достижения прочного мира – диалог и сотрудничество. Уроки и опыт разрешения межтаджикского конфликта исследуются представителями ряда наук – обществоведами, правоведами, социологами, этнографами, философами, политологами, конфликтологами. Этот опыт распространяется представителями международных неправительственных структур, специализированных учреждений ООН, ОБСЕ, ОИК. Исходя из правовой природы межтаджикских документов и их политико-правовой обоснованности в контексте современных теорий развития государства и права, можно изложить следующие выводы.

Во-первых, анализ процесса подготовки к подписанию Общего соглашения, сущности и особенностей реализации актов межтаджикского конфликта вплоть до формирования нового парламента явно демонстрирует либерально-демократическую направленность развития республики, так как претворение в жизнь Общего соглашения является проявлением консенсусной демократии. Именно консенсус, а не компромисс стал единственно приемлемым решением для конфликтующих сторон, основными предпосылками которого являлись: готовность всех социальных и политических групп заняться поиском и анализом скрытых потребностей и интересов; наличие времени и ресурсов для поиска альтернатив, удовлетворяющих притязания обеих сторон; заинтересованность всех слоев общества в долгосрочном решении проблемы; наличие некоторых базисных ценностей и норм, в т.ч. норм терпимости, компромисса, гражданственности, т.е. приверженности беспристрастным легальным процедурам, понятиям общего благосостояния, примирению частных интересов этнических, религиозных и экономических групп.

Во-вторых, акты межтаджикских переговоров в науке теории государства и права воспринимаются как нормативные акты, которые по своей сути являются договорами нормативного содержания. Они выражают взаимное изъявление воли субъектов юридических отношений, встречное принятие на себя каждым из них юридических обязанностей.

В-третьих, согласительные документы межтаджикского конфликта способствовали либерализации законодательства, так как у договорной формы права есть перспективное будущее в разнообразных направлениях правового воздействия и регулирования общественных отношений. Следует отметить, что хотя акты межтаджикского конфликта являлись временным правовым явлением, но вместе с тем некоторые из них продолжают своё существование в виде норм

правовой политики демократических представительных институтов законодательства.

Наряду с этим следует учитывать роль Президента Республики Таджикистан в установлении мира и стабильности в Таджикистане, который, как Лидер нации, внес большой вклад в укрепление мира и национального единства, защиту единства и территориальной целостности государства, обеспечение политической стабильности и интеграции общества, преемственности и долговечности демократического и правового государства, принятие первой Конституции независимого государства, совершенствование правовых основ страны, а также образование эффективной системы органов государственной власти, и представил Таджикистан на политической арене мира, как миролюбивую страну.

Доказано, что сила любого демократического государства заключается в справедливости, и именно в конституциях стран сформулированы основные позиции для обеспечения законности и правопорядка в целом, стабильности политической системы и защиты прав и свобод человека.

И сегодня обеспечения верховенства Конституции и укрепления конституционной законности можно достичь лишь созданием благоприятных условий для эффективной деятельности органа судебного конституционного контроля

В целом орган конституционного контроля, являясь наиболее действенным методом достижения единого правового пространства и важным фактором стабильности и гарантией прогресса развития общества в стране, способствует укреплению государственности, стабилизации социально-политических отношений, формированию правового государства, а также гражданского общества.

Безусловно, наличие института судебного конституционного контроля в Таджикистане является единственно возможным условием для обеспечения верховенства Конституции, и данный институт укрепляет принцип разделения властей, поддерживает баланс в системе сдержек и противовесов. В частности развитие конституционного правосудия повышает взаимную ответственность органов власти за результат осуществления правотворчества и принимаемых ими решений.

Также благодаря осуществлению конституционного правосудия политические проблемы могут и должны решаться в рамках и на основе права.

В связи с чем Конституционный суд – как основной гарант защиты Конституции – должен способствовать стремлению граждан к

восстановлению их нарушенных прав и обеспечению конституционной законности в стране.

Республика Таджикистан, провозгласив себя в соответствии с Конституцией демократическим и правовым государством, заявила тем самым о своих намерениях продвигаться в направлении развития мировой цивилизации, исходя из признания человеческой личности, ее прав и свобод высшей ценностью в обществе и государстве.

Смысл правового государства раскрывается через Конституцию, в соответствии с которой человек, его права и свободы признаются высшей ценностью, и каждому гарантируются права на достойную жизнь и свободное развитие.

В правовом государстве личные, политические, экономи-ческие, социально-культурные права и свободы граждан не просто провозглашаются и декларируются Конституцией, но и обеспечиваются соответствующими механизмами их защиты.

Конституционная обязанность правового государства – соблюдать и защищать права и свободы человека и гражданина – состоит в создании условий для их реализации и механизма для их защиты.

Конституция Таджикистана, определяя обязанность государства признавать, соблюдать и защищать права и свободы человека и гражданина, устанавливает, что права и свободы человека и гражданина определяют цели, содержание и применение законов, деятельность законодательной, исполнительной власти и местных органов государственной власти и самоуправления и обеспечиваются судебной властью.

На основе судебно-правовой реформы в Таджикистане с целью совершенствования деятельности Конституционного суда в области обеспечения верховенства Конституции можно отметить, что современная нормативная основа организации и деятельности органа конституционного правосудия нашей страны сегодня способна обеспечивать решение задач, стоящих перед ней, в частности защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина, укрепления демократических начал и правовых основ государства.

И можно с уверенностью сказать, что стабильное развитие демократических основ нашего государства и обеспечение в нем конституционной законности свидетельствуют о важности и необходимости функционирования Конституционного суда.

# РОЛЬ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА В ОБЕСПЕЧЕНИИ СТАБИЛЬНОСТИ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Джамшедзода Д.Н.,**
судья Конституционного суда Республики Таджикистан

Принятая 6 ноября 1994 года на всенародном референдуме Конституция независимого Таджикистана официально представила нашу страну мировому сообществу как суверенное, демократическое, правовое, светское и социальное государство.

Конституция, определив фундамент конституционного строя и важнейшие основы демократического общества нашей страны, заложила реальную правовую основу для укрепления государственной власти и стабильного строительства новой государственности, обеспечила нормальную политическую ситуацию, безопасность общества, защиту национальных интересов, укрепление законности и правопорядка, защиту прав и свобод граждан[1].

Объявив равенство всех перед законом, Конституция тем самым возложила на государство обеспечение прав и свобод каждому, независимо от национальности, расы, пола, языка, религиозного вероисповедания, политической позиции, социального положения, образования и имущества.

Учитывая это, можно сказать, что принятие Конституции относится к числу великих достижений народа Таджикистана и является правовым фундаментом нового, независимого государства таджиков.

Особенностью Конституции Республики Таджикистан является то, что она была принята в годы начавшегося межтаджикского конфликта, и стала в последующем фактором стабильности в обществе. Она стала единственно возможным, вполне легитимным, стабилизирующим фактором жизни общества. Конституция Республики Таджикистан выполнила поистине историческую миссию - обеспечила

[1] Махмудзода М. Конституционный суд Республики Таджикистан и его роль в обеспечении верховенства Конституции // Правовая политика и демократическое государство (сборник статей и докладов (на тадж. языке)). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 435 .

стабильность общества, в рамках которого и стали возможны реальные перемены[1].

В будущем, в условиях продолжающихся социально-экономических и политических реформ, роль Конституции возрастёт. Она определила правовые формы и границы предполагаемых перемен, чтобы переход в новое общество протекал в конституционно-правовом русле[2].

Двадцативосьмилетняя конституционная практика показала, что потенциал нашей Конституции неисчерпаем. Между тем последующая конституционная практика стала формироваться так, чтобы стало возможным достижение следующих целей: совпадение буквы и духа Конституции, непосредственное её действие, обеспечение единообразного понимания и применения конституционных положений.

Этим же целями были продиктованы имевшие место изменения и дополнения в Конституцию Республики Таджикистан (в 1999, 2003 и 2016 гг.). Они были необходимы, чтобы скорректировать выбранный путь развития. Такова практика мирового конституционализма, ибо апробация конституционных положений происходит в условиях переходного времени, осуществляемых ныне реформ различных сфер общественной жизни. Помимо этого, практическая реализация Конституции Республики Таджикистан осуществляется в условиях формирования глобального миропорядка, новых форм интеграции государств, транснационального права – с одной стороны, угроз международного терроризма, религиозного экстремизма – с другой. Становление фактической Конституции происходит у нас в условиях обострения межцивилизационных конфликтов, что может повлиять на конституционный прогноз, поскольку наша страна ныне находится на этапе синтеза традиционного и современного. Всё зависит от стабильности Конституции, трезвого конституционного прогнозирования.

Безусловно, особую роль в защите конституционных ценностей, в том числе в защите прав и свобод человека и гражданина, играет Конституционный суд, как орган, осуществляющий конституционное правосудие.

---

[1] См.: Артиков З.М. Эгамбердиев У. Значение XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в становлении демократического государства // Правовоедение. – Душанбе, 2011. – С.28-33.

[2] О роли Конституции в будущем и возможностях конституционного прогнозирования см.: Пряхина Т.М. Проблемы конституционного прогнозирования // Закон и право. 2004. № 8. – С.17-19.

История создания Конституционного суда Республики Таджикистан как органа конституционного контроля тесно связана с созданием новейшей государственности. Сама идея конституционного контроля в Республике Таджикистан возникла в 1990 году с созданием специализированного органа, который назывался Комитетом конституционного надзора. Данный Комитет осуществлял надзор в сфере соблюдения и реализации норм конституции и впоследствии сыграл важную роль в создании Конституционного суда Республики Таджикистан.

С принятием Конституции в 1994 году в Таджикистане с учетом мировой практики был создан Конституционный суд как специализированный орган судебного конституционного контроля.

